Ар-Рази, находясь под влиянием Платона, соответственно, принимал его концепцию о душе и его классификацию душ. Мусульманский мыслитель тоже считал, что только рациональная душа продолжит после смерти свое существование, потому что только она имеет свою собственную специфическую субстанцию, в то время как две другие души (животная и растительная) - это просто сумма гуморов сердца и печени. Тело же, включая мозг, является просто инструментом и орудием реализации рациональной души. Анализируя взгляды Платона о человеке и его темпераменте, ар-Рази приходит к заключению, что человеку следует стремиться к освоению физической медицины, которую он называет общественной и духовной медициной. Так, душа, по мнению ар-Рази, - это жизнь, форма, а тело - это материя; они нужны друг другу и дополняют друг друга. Душа - это совокупность способностей или функций, информирующих тело и придающих форму его физической структуре; в то же время тело должно быть сделано из подходящего материала, чтобы эти функции выполнялись. Однако душа - это не только жизненная сила, но и динамическая структура и организованный паттерн, в соответствии с которыми и для целей которых физическое тело формируется и организуется внутри него. Представляя же три души Платона, ар-Рази называет гневающуюся душу - животной; он находит ее в сердце, приравнивает к сумме сердечных гуморов, и поэтому объявляет ее разлагающейся, поскольку гуморы - разлагающиеся. Единственная роль животной души заключается в обеспечении естественного тепла и импульсных движений, т.е. бессознательных и рефлекторных движений, связанных с дыханием и сердечно-сосудистой системой. Добровольное движение и все другие сознательные действия относятся к рациональной душе. Сердце является источником жизни и

вызывает естественное тепло, дыхание и сердечно-сосудистые «движения». Ар-Рази добавляет, что у бескровных и бессердечных животных есть нечто подобное сердцу. Мозг является источником нервов и источником ощущений, движения и рассуждений, психических действий, называемых господствующими.

Понятие «рациональный» у ар-Рази охватывает все сознательные действия, включая ощущения и добровольные движения, которые являются общими для животных и людей. Из сказанного следует, что у ар-Рази рациональная душа имеет гораздо более широкое значение, чем, например, у Аристотеля. И здесь автор обращается к изучению вопроса о том, как ар-Рази рассматривал животных. Философ считал, что все они одарены чувствами и поэтому могут испытывать боль. В «Духовной медицине» ар-Рази часто противопоставляет поведение животных целенаправленным, преднамеренным действиям людей, интеллект которых с помощью воображения может исследовать варианты своего поведения и их долгосрочные результаты, прежде чем выбирать наиболее выгодные из них.

Об отношении ар-Рази ко времени и его соотнесенности с медицинской практикой говорится в «Китаб бур’ ал-са‘а», когда он упоминает о болезнях, которые не являются хроническими или продолжительными (простуда, зубная боль, боль в горле, звон в ухе, носовое кровотечение и т. д.), или когда он иногда использует выражение «немедленно успокаивается», или когда говорит о головной боли, или о раздражении глаз.

Анализируя взаимосвязь между человеческим темпераментом, лежащим в основе материального и духовного, с одной стороны, и особенностью места со своим пространством и временем, с другой, мыслитель обращается к проблеме познания взаимосвязи между временным делением (ограниченным и абсолютным) и болезнью (телесной и духовной). Дифференцируя абсолютное время, на продолжительное и ограниченное, ар-Рази полагает, что преобразования тела происходят за ограниченное время которое имеет отношение к небесным сферам, поэтому он сравнивает тело, когда его лихорадит, с землетрясением. Это означает, что здоровье и даже удовольствие не имеют продолжительности и непрерывности в жизни, и все должно вернуться к нарушенной норме.

В «Китаб ал-тиб ал-Мансури», посвященной профилактической медицине, ар-Рази пишет о том, что приобщение людей к медицинскому искусству необходимо, ибо человек может заболеть в любое время, в любом месте и стране, поэтому изучение некоторых постулатов этого искусства полезно хотя бы для того, чтобы понять, как не нарушать хорошее состояние тела и здоровье человека, процедуру, основанную на принципе предосторожности. В десятом разделе указанного труда под названием «О познании времени болезни» он связывает время болезни с ее силой, утверждая, что все сильные болезни короткие, они либо убивают, либо естественным образом вызывают кризис (бухран). Кроме того, жаркая погода и страны с умеренным климатом, или же недостаток пищи и некоторые

мягкие, тощие тела со временем будут ограничивать распространение заболевания. Иначе болезнь продлится дольше. Ранее, в четвертом разделе, он рассматривал лечение тела в соответствии с четырьмя сезонами года. Каждый момент или промежуток времени у ар-Разии меет свои особенности и соотносится с соответствующей болезнью, едой или даже вкусом хлеба или глотком воды.

Затронул ар-Рази во второй главе своего медицинского руководства «ал-Тибб ал-Мансури» и физиогномику.

В целом глубокий анализ мыслителем состояния тела, внешних и внутренних признаков болезни пациентов позволил ему приобщить результаты своих наблюдений и к другим диагнозам состояния больного. Благодаря такому подходу мыслитель смог выявить разные виды заболеваний, объяснить их природу и степень тяжести, разобраться с физическим и психическим строением человека. Все эти рассуждения ар-Рази до сих пор остаются актуальными, особенно для врачей-диагностов.

В третьем параграфе второй главы рассматриваются **принципы медицинской этики ар-Рази в фокусе проблемы здоровья и болезней в системе индивидуальных ценностей.** Прежде всего автор отмечает, что этические проблемы всегда занимали большое место и в философии медицины, и в истории медицинской этики в целом. Согласно ар-Рази, телесное лечение и практика и духовное лечение, и практика - это две разные концепции, восходящие к Платону, который наибольшее значение придавал не телу, а своему внутреннему «я», которое имеет решающее значение для организма. Вопросу о соотношении духовного и телесного в учении ар-Рази уделяется достаточно много внимания. Этот философ развивал идею о том, что врач тела является и врачом духа, что нашло отражение в его работах. Рассматривая духовно-моральные и телесные недостатки личности, их причины и методы лечения, ар-Рази разработал специфическую концепцию духовной медицины, или этики медицины, отличную от концепции Платона.

Область медицинской этики охватывает широкий круг вопросов, связанных, в частности, и с деятельностью врача и его отношением к пациентам. Проблемы, связанные с медицинской этикой, ар-Рази формулирует следующим образом: врач должен признать ответственность перед пациентами, перед самим собой и ответственность пациентов перед врачами. Говоря об ответственности врача, ар-Рази подчеркивает: врач должен постоянно учиться, развивать научные знания и сохранять приверженность медицинскому образованию, разбираться в вопросах философии, в естественных науках, быть добродетельным и воздерживаться от тщеславия, избегать лишних удовольствий, особенно алкоголизма, обращать внимание на свою внешность: его одежда и волосы должны быть чистыми и аккуратными. Что же касается обязанности врача перед пациентами, то к ним относятся: доброжелательное отношение к пациентам; врачи не должны быть грубыми или агрессивными, но сострадательными, скромными; они должны сохранять в тайне то, что узнали в процессе лечения

от своих пациентов; должны психологически поддерживать их, они должны уметь приободрить пациентов, особенно когда у них нет надежды на выздоровление от постигших их болезней, они должны вселять в них надежду. Поселить в пациенте положительную надежду - важный метод в современной психологии, о чем говорится и в Положении о медицинской деонтологии.

Пишет ар-Рази и о реформации (преобразовании) характера. По его мнению, в первую очередь это духовное преобразование, лекарство, излечивающее душу от болезней, вызванных страстью души, и направленное на ее освобождение из «ловушки страсти». От совершения дурных поступков, к которым приводит страсть, человек должен предостерегаться сам.

Немалый интерес ар-Рази проявляет и к моральным качествам человека. Так, он пишет о зависти, алчности и скупости, которые приводят к моральным страданиям и болезням. Он считал, что зависть, например, можно обуздать посредством «ока своей разумной души».

К «дурным качествам» и нарушениям благого поведения человека он относит обжорство и ненасытность, которые связаны с чрезмерным потреблением и чрезмерным наслаждением едой, напитками или богатством до степени расточительности. Приверженность к такому поведению может вызвать психические заболевания. Люди, страдающие обжорством, отторгаются обществом, становятся предметом презрения и отвращения других людей.

К духовным болезням наравне с бездумной увлеченностью, бессмысленными привычками, склонностью к пустым забавам ар-Рази относит и фанатичность в вероучении. От пустых увлечений и бесполезных забав можно избавиться только с помощью твердой воли и решимости к отказу от них, а также с помощью крепкой памяти и бдительной собранности, потому что происходят эти увлечения в большинстве случаев от небрежения и рассеянности. Касаясь религиозного поведения человека, ар-Рази считает его «акциденцией эмоциональной, а не умственной». В своей этической философии ар-Рази указывает на то, что человек отличается от других существ разумной оценкой своего поведения, что и должно привести его к благостной жизни, которая преобразуется взаимным сотрудничеством и взаимопомощью людей. При этом люди должны остерегаться двух крайностей – чрезмерности усилий и их недостаточности.

Ар-Рази призывает людей украсить свою душу достойным и похвальным поведением, освобождая ее из печалей и скорби. По его мнению, человек должен глубоко и всерьез размышлять над жизнью и поведением достойных людей, используя свою способность к умственному постижению и сопоставлению плохого и хорошего в поступках людей.

## Заключение

### Основные научные результаты диссертации

В представленном исследовании были проанализированы важнейшие вопросы философии медицины, постановка и решение которых прямо связаны с именем известного мусульманского философа и врача Абу Бакра ар-Рази. Следует отметить, что в учениях ар-Рази такой термин, как философия медицины, отсутствует. Однако в его произведениях подробно и обстоятельно раскрываются проблемы, связанные, с одной стороны, с медицинской этикой, биоэтикой, политикой в области здравоохранения и медицинской эстетикой. С другой стороны, в них с философских позиций рассматриваются эпистемологические, метафизические, методологические, терапевтические, экспериментальные, диагностические и паллиативные аспекты медицины. Как известно, этика и эстетика являются признанными философскими дисциплинами, соответственно и медицинскую этику, и медицинскую эстетику будет вполне справедливым считать частями философии медицины, которая в свою очередь при всей специфике является неотъемлемой частью науки философии как таковой.

Для автора главным было выявить те основополагающие принципы, те критерии, которые помогли ар-Рази связать медицину и философию. В процессе изучения этой темы выяснилось, что ар-Рази стремился решать проблемы медицины, используя сугубо философскую методологию. Где-то он преуспел, а где-то все закончилось только постановкой вопроса. Исходя из этого, автор приходит к выводу, что философия медицины ар-Рази не имеет четко очерченных границ и аргументированно обоснованных критериев, которые бы позволили говорить об этой философии как вполне сформировавшийся области знаний.

По мнению диссертанта, в философии медицины заложен огромный потенциал для постановки и анализа самых различных проблем. Причем для их решения в первую очередь следует использовать междисциплинарный подход. Например, медицинская диагностика может быть рассмотрена с позиций логики, а вопросы здоровья человека и его недугов – с точки зрения метафизических предположений и эпистемологического статуса. В идеях ар-Рази прослеживается сильное влияние древнегреческих мыслителей, в частности аристотелевского учения о четырех причинах сущих (материальные, формальные, действующие, или производящие и целевые, или конечные), и гуморальной теории Галена. В итоге ар-Рази в своих рассуждениях следует той же логике силлогизма: он считает, что истина в медицине может быть достигнута только на основе опыта. По его мнению, всё, что можно прочитать в книгах, гораздо менее ценно, чем опыт врача, который размышляет и рассуждает об истине. Ар-Рази утверждает, что в процессе лечения главную роль играет сам пациент, с учетом его природы, физиологического и психологического состояния. В целом состояние здоровья человека, согласно Рази, зависит от его устремлений, от его

добродетельности или его прочности. Мусульманский философ проповедовал идею о том, что врач тела должен быть одновременно и врачом духа. Другого пути в достижении истины здесь нет.

В разработке своей философии медицины ар-Рази опирался на идеи древних греков и предшествующих исламских мыслителей, которые, с его точки зрения, служат источником «вдохновения и практических знаний для добросовестных врачей». Но при этом ар-Рази считал, что беспрекословно принимать все их идеи не следует. Здесь он был настроен достаточно скептически, потому что прекрасно понимал, что между доктринами философов и ученых существуют противоречия. Но эти же противоречия, утверждал он, способствуют вечному прогрессу познания и даже определяют его. Благодаря им цель жизненного пути человека-приближение к истине и достижение ее – становится более зримой и притягательной.

Кроме того, философия медицины ар-Рази касается и тех проблем, которые тесно связаны со здоровьем человека, его болезнями, недугами, смертью и стремлением к исцелению. В его философских концепциях проблемы бытия человека, его совершенствования и благополучия занимают, бесспорно, главное место. Причем все они «увязываются» ар-Рази с проблематикой медицинского опыта. Медицина, по ар-Рази, будучи искусством и практикой врачевания, предназначена не только для сохранения здоровья и лечения болезней. Действия врача характеризируются им как «философское поведение» с учетом его онтолого-антропологического аспекта. По мнению автора, в целом онтологическое поле философии медицины сегодня только формируется, и оно может охватить и вопросы эпистемологии, аксиологии, логики, методологии и метафизики, прямо или косвенно связанные с медициной, но это уже тема для отдельного обсуждения.

## Рекомендации по практическому использованию результатов

Результаты диссертационного исследования в определенной степени регламентируют характерную для духовной жизни современного Таджикистана неопределенность мировоззренческих ориентиров наиболее фундаментального философского уровня. Наиболее ярко эта неопределенность проявляется сегодня в сфере медицинской деятельности. Самостоятельно преодолеть ее многие практикующие врачи вряд ли смогут. В диссертации сделана попытка конкретизировать эти ориентиры именно в медицинской сфере. Материалы и общие выводы исследования могут использоваться в дальнейших исследованиях, посвященных философии науки, философии медицины, истории философии, а также при подготовке лекционных курсов, спецкурсов и семинаров по истории таджикской философии, по философской антропологии и философии медицины.

**Статьи автора в реферируемых журналах ВАК РТ:**

**[1-М]** Место медицинского знания в философском учении ал-Рази// Вестник Таджикского национального университета. – 2019. - № 9. – С.167-174.

**[2-М]** Медицинские знания и опыт ал-Рази: теоретико-практическая основа // Вестник Таджикского национального университета. – 2019. - № 10. – С.173-179.

**[3-М]** Страдания и удовольствия в антропологическом учении ал-Рази (с позиций философии медицины) // Вестник Таджикского национального университета. – 2020. - № 1. – С.167-174.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИСАДРИДДИН АЙНӢ
КАФЕДРАИ УМУМИДОНИШГОҲИИ ФАЛСАФА ВА
ФАРҲАНГШИНОСӢ

УДК 1 (575.3)
ББК 87.3
Ш - 25

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ШАРОФЗОДА МАЪРУФҶОН ОБИД**

# ФАЛСАФАИ ТИББИ АБУБАКР ЗАКАРИЁИ РОЗӢ

**АВТОРЕФЕРАТ**

Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафаPhD доктор аз рӯи ихтисоси 6D020100 – философия (6D020102 – таърихи фалсафа)

**Душанбе - 2023**

Диссертатсия дар кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Назариев Рамазон Зибуҷинович** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

**Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо** – доктории лмҳои фалсафӣ, директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ
**Ҳасанова Зебинисо Абдулатифовна** – номзади илмҳои фалсафӣ, мудири кафедраи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ

Ҳимояи дисертатсия «22» июни соли 2023, соати 10:00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-029 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти унвони доктори фалсафа PhD доктор аз рӯи ихтисосҳои 6D020100 – фалсафа (6D020102 – таърихи фалсафа) дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) баргузор мегардад.

Бо муҳтавои диссертатсия ва автореферат дар Китобхонаи маркази илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) ва сомонаи www.tnu.tjметавон шинос шуд.

Автореферат дар таърихи «_____» _______соли 2023 тақсим гардид.

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа, профессор  Муминов А.И.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Тамоюлоти ҷаҳонишавӣ ба сӯи якрангсозии умумиҷаҳонӣ ва мустақилияти афзояндаи воситаҳои истеҳсолот, меҳнат ва сармоя аз макону анъанаҳо дар калимаи маъмулшудаи «ҷаҳонишавӣ» ифода ёфтааст. Маҳз аз он сабаб, ки илму техника ва иқтисоди муосир ба таври ғайри анъанавию бетарафона фаъолият намуда, воситаҳои муосири ташаккул, новобаста аз забонҳои суннатӣ, ба таври рақамӣ ва дар миқёси ҷаҳонӣ бештар инкишоф меёбанд, ҳар он чизе, ки нав аст, дар оянда боз ҳам асолати бетарафиро касб менамояд. Ҷаҳонишавии як қабати бузурги мушкилот - рафъи бегонагии «ҷаҳони илм» аз «ҷаҳони ҳаёт» аҳамияти таҳқиқи роҳҳои ташаккул ва инкишофи илм, аз ҷумла тибро ҳамчун як шакли маърифат муайян мекунад.

Бартариҳои ҷаҳонишавӣ барои тиб ҳамчун як низоми илмӣ ва тиббию техникӣ дар ҷорӣ намудани технологияҳои навтарини иттилоотӣ, рақамикунонии равандҳои маҷозигаройӣ ва байналмилалӣ гардонидани сохторҳои тафсирҳои илмӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, барои омӯхтани механизмҳои ташаккул ва инкишофи эҳтиёҷоти одамон ба ҳифзи сиҳат дар рушди мавзуни онҳо донистани таърихи масъала, моҳияти тавсияҳои табибон – намояндагони давраҳои гуногун ва халқҳои гуногун зарур аст. Аз ин рӯ, муносибат ба таърих ва фалсафаи тиб ҳамчун раванди умумиҷаҳонӣ-таърихӣ бо ягонагӣ ва гуногунии диалектикии он, ба вуҷуд овардани манзараи ягонаи инкишофи дониш ва фаъолияти тиб дар асрҳои миёна аҳамияти зарурӣ дорад. Дар ин ҷо ба таври хосса Шарқи мусулмонӣ ва густариши он ба империяи Форс барҷаста зоҳир мегардад, ки дар он Ғарб барои хеш имкони дастрасӣ ба сарчашмаҳои хаттии форсӣ, эллинӣ ва румӣ дар соҳаи фалсафа ва тибро кашф кардааст. Табибон-файласуфони исломӣ бар асоси мушоҳидаҳо ва таҷрибаҳояшон дониши худро дар бораи ин осор васеъ намуда, баъзан онҳоро ба чолиш мекашиданд. Аҳамияти рисоларо зарурати омӯзиши давраҳои кам таҳқиқшудаи таърих ва фалсафаи тибб дар Осиёи Миёна ва намояндагони он муайян мекунад.

Дар баробари ин, ҳам дар илм, ҳам дар давлат ба таври чашмрас таваҷҷуҳ ба гузашта, ба он донишҳое, ки наслҳои пешин ба мо мерос гузоштаанд, афзун гашт. Вобаста ба ин мавриди зикр аст, ки донишҳои тиббии қадима дар солҳои охир натанҳо таваҷҷуҳи табибони касбӣ, балки файласуфонро низ ба худ ҷалб менамоянд. Дар илм чунин самте низ бо номи фалсафаи тиб ташаккул ёфтааст. Ин амр ба пуррагӣ қобили дарк аст, зеро дар замонҳои гузашта тиббу фалсафа бо ҳам иртиботи зич доштанд, ки гувоҳи он мероси фалсафии мутафаккирони машҳуртарини Шарқ Абуалӣ ибни Сино ва Абубакри Ар-Розӣ мебошад. Асарҳои ин файласуфон ва табибон, ки дар Мовароуннаҳр ва Хуросони асрҳои миёна зистаанд, нафақат дар Шарқ, балки дар Ғарб низ хеле машҳур аст. Новобаста аз ин, агар, масалан дар бораи Ибни Сино гӯем, асарҳои ҳам фалсафӣ ва ҳам тиббии ӯ ба таври амиқ ва мунтазам аз ҷониби олимони тахассусҳои гуногун таҳқиқ шудаанд ва омӯхта

мешаванд. Дар мавриди таҳқиқи мероси эҷодии Абубакр Закариёи Ар-Розӣ бошад, ҳанӯз суолҳо ва холигии зиёде ҷой доранд. Дар баробари ин, амалан дар худи замони зиндагиаш Закариёи Ар-Розӣ ҳамчун табиби бузургтарини Шарқи асримиёнагии исломӣ эътироф гардида буд. Пеш аз ҳама, фаъолияти ӯ дар соҳаи тиб бо он фарқ мекард, ки ин файласуфи табиб ба мушоҳидаву маҳорат, таҷрибаву ташхис, муносибати интиқодӣ нисбат ба маълумоти куҳнашуда ва пешгӯӣ кардани рушди ин ё он бемориҳо ва ғайра аҳамияти калон медод. Ақидаҳои тиббии Ар-Розӣ, ки ба тарзи ҳаёти солим иртибот доранд, ҷолибияти бештар доранд. Омӯзиши онҳо аз ҷониби табибон ва файласуфони муосир аз он нуктаи назар мубрамияти зиёд дорад, ки ин файласуф дар рисолаҳои хеш маводи фаровони вобаста ба зиндагии одамони он давраи таърихиро ба кор мебарад ва ҳамзамон ин одамон дар як макони муайян зиндагӣ мекарданд. Аз рӯи ин маълумот дар бораи кӯшишҳои маънавӣ ва ҷустуҷӯҳои ақидавии инсони асримиёнагии шарқӣ метавон хулоса баровард. Муаллиф бори дигар таъкид месозад, ки дар замонҳои қадим ақидаҳои фалсафии мавзуҳои муайян ба таври зич бо донишҳои тиббӣ омезиш меёфтанд ва пас, таҳлили ин масъала аз ҳама ҷиҳат мубрамияти зиёд пайдо мекунад. Инчунин, аз назари илмӣ асоснок кардани ин нукта, ки ҷонибдорони аврупоимарказӣ ошкоро саҳми олимони Шарқи исломиро дар рушди илм камарзиш мешуморанд, низ аҳамияти зиёд дорад.

Мубрамияти таҳқиқотро ҳамчунин матлабе нишон медиҳад, ки дар шароити Тоҷикистони муосир арзиши корҳои таҳқиқотии ба маданияти маънавӣ ва мероси халқи тоҷик бахшидашуда сол ба сол меафзоянд, зеро бе баррасии гузашта наметавон худшиносии миллиро рушд дод. Аз ин ҷиҳат омӯзиши мероси Абубакр Муҳаммад ибни Закариёи Ар-Розӣ (минбаъд Ар-Розӣ), бешубҳа, барои ба сатҳи боло рафтани худмуайянкунӣ ва худшиносии тоҷикон мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, метавон хулоса баровард, ки мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ ва мутаносибан, масъалаҳои дар он ба миён гузошташуда аз ҳама ҷиҳат мубрамият дошта, мавриди таваҷҷуҳи зиёди илмӣ мебошанд.

**Дараҷаи омӯзиши масъала.** Бо тарҷумаи асарҳои Ар-Розӣ ба забонҳои аврупоӣ дар Ғарб таҳқиқи ҳамаҷонибаи илмии ақидаҳои ин мутафаккир ва табиб оғоз ёфт. Яке аз аввалин олимоне, ки ба омӯзиши фаъолияти ҳаётӣ ва осори Ар-Розӣ иқдом намуд, Ҷ.С.А. Ранкинг[1] буд, Э.Ҷ. Браун[2] бошад, аввалин муҳаққиқи ақидаҳои тиббии Ар-Розӣ гардид. Баъдтар олимони аврупоӣ ба омӯзиши бевоситаи масъалаҳои мушаххаси тибби Ар-Розӣ пардохтанд. Ҳамин тавр, Ҷ. Руска дар китобхонаи донишгоҳ дар Гёттинген дастнависи қадимаи асари асосии Ар-Розӣ «Китоб сирр ал-асрор»-ро пайдо кард ва аз ҳамон замон таълимоти Ар-Розӣ мавзӯи таҳқиқоти ӯ гардид. Дар баробари ин, ӯро бештар масъалаҳои химия ҷалб менамуданд, ки ин олим

---

[1] Ranking G.S.A.The Life and works of Razes. In: Proceedings of the Seventeenth International Congress of Medicine.- London, 1913.- P. 237-268.
[2] Brown E.G. Arabian Medicine.- Cambridge, 1921. - P. 44-53.

онҳоро дар рисолаҳои худ ҳал менамуд.[1] Минбаъд ин самти таҳқиқот аз ҷониби олимоне чун Ҷ. Хейм, Ҷ. Р. Партингтон, Е.О. Фон Липманн, А. Эйсен ва дигарон дастгирӣ ёфт.[2]

Дар асри XX таҳқиқоти бешумори нав дар бораи мутафаккирони асримиёнагии исломӣ, ки ба масъалаҳои тиббӣ машғул буданд, аз ҷумла дар бораи Ар-Розӣ, пайдо шуданд. Ба қатори онҳо таҳқиқоти П. Краус, М. Мейерхоф, А. Паши, Ҷ. Хофмейстер, М. ал-Наджмободӣ, С. Элгуда, Д. Кампбелл, Р. Колган, С. Тан, В.Ҷ. Дэли ва В.С. Братер, А.М. Мухтор, С. Аммор ва дигаронро метавон ном бурд.[3]

Дар омӯзиши ақидаҳои фалсафӣ ва тиббии файласуфони асримиёнагии Шарқ Л. Гудман, Б. Ансорӣ, Р. Арналдес, А. Баусанӣ, Ф. Брион, М. Муҳаққиқ ва дигарон хизмати хосае намудаанд.[4] Вале таҳқиқоти онҳоро наметавон ба шумори таҳқиқоти соҳаи фалсафаи тиб ворид кард, зеро онҳо ё қисман ба масъалаҳои сирф тиббӣ, ё танҳо ба масъалаҳои фалсафии аз ҷониби Ар-Розӣ баррасишаванда бахшида шудаанд. Масъалаҳои мушаххаси тиббии Ар-Розӣ дар таҳқиқоти А. Асидюман ва Д. Белен, М.М. Шодчӣ, Р.С. Тюбс, М. Лукас, Ҷ. Шукуҳӣ ва Ҷ. Ардалон, А.И. Қосимов, М. Муҳаққиқ, М.Х. Азизӣ, А.Н.

---

[1] Ruska J. Die Alchemie ar-Rázi’s // Der Islam. 1925. Vol.22.-P.28 1-319; Онже. Vorschriften zurHerstellung von Scharfen Wásser bei Gabir und Razi” // Der Islam. 1938. Vol. 25.-P. 1-34; Онже. Al-Rázi als Bahubrecher einer neuer Chemie. // Deutsche Literaturzeitung. 1923. P. 237-268; Онже. Al-Birñni als Quelle flir das Leben und die Schriften al-Rázi’s. // Isis. 1922. V.-P.26-50.

[2] Partington J.R. The chemistry of Razi, in Ambix, i (1938), 192-196; Heym G. Al-Razi and alchemy, in Ambix, (1938), 184-91; von Lippmann E.O. Entstehung and Ausbreitung der Alchemie, Vol. II.-P. 181; Eisen A.Kimiya al-Razi. RAAD, DIB, 62/4.

[3] Kraus P. Abi Mohammadi Filii Zachariae Raghensis (Razis) opera philosophica fragmentaque quae supersunt, Cairo 1939, Pars prior(all that was published), repr. Beirut 1973; Meyerhof M. Thirty-three clinical observations by Rhazes[from theHawi], in Isis, xxiii (1935), 321-56; Pasha M.A. Biographies of Unani [Greek] physicians found in Al-Hawi of Rhazes, in Bulletin of the Indian Institute of the History of Medicine, vii (1977), 38-40; Hofmeister G. Rasis' Traumlehre, in Archiv für Kulturgeschichte, li (1969), 137-59; al-Najmabadi M. Sharh Hal Muhammad ibn Zakariya, 1318/1900; Encyclopaedie des Islams, a. v. (by Ruska); Elgood C. A medical history of Persia and the Eastern Caliphate. Cambridge University Press, 1951; Campbell D. Arabian medicine and its influence on the Middle Ages. London: Kegan Paul, Trench, Trubner, 1926; Colgan R. Advice to the young physician: on the art of medicine. 1st ed, New York, Springer, 2009, p. 29–31; Tan SY. Medicine in Stamps Rhazes (835-925 A.D.): Medical Scholar of Islam. Singapore Med J 2002; 43(7): 331-2; Daly WJ, Brater DC. Medieval contributions to the search for truth in clinical medicine. Perspect Biol Med. 2000;43:530–40; Mukhtar AM. Rhazes contra Galenum. Bonn: Rheinischen Friedrich-Wihelms-Universitat; 1969; Ammar S. Abu Bekr Er-Razi. Tunis: Points sur les i, 1997.

[4] Goodman L.E. The epicurean ethic of Muhammad b. Zakariyya ar-Rází”. Studia Islamica, Vol.34, París, 1971, pp.5-26; Goodman L.E. Rázi’s myth of the falí of soul: its function in his philosophy. New York press, Albany, 1975, pp.25-39; Goodman L.E. RázPs psycology. JHP, 6, 1968.; Goodman L.E. Philosophical originality in the thought of Muhammad b. Zakariyya ar-Rázi. MESA,(Middle east studies association bulletin) Columbia, 1970; Ansari B. “Philosophical and religious views of Muhammad ibn Zakariyya al-Rázi”, Islamic Culture, 16, 1977, pp. 157-177; Ansari B. Abu Bakr Muhammad ibn Yahya al-Rázi, universal scholar and scientist. Islamic Studies, 15, 1976, pp. 155- 166; Arnandez R. Apories sur la prédestination de Rází. Mélanges del Institut Dominicain d’etudes Orientales du Caire, 6, 1959-1961, pp. 123-136; Bausani A.Un filosofo ‘laico’ del medioevo musulmano: Ábi Bakr Zakariyya al-Rází. Roma, Instituto di studi Islamici, 1981; Brion F. Le temps, l’espace et la gense du monde selon ALá Bakr al-Rázi: presentation et traduccion des chapitres 1, 3-4 du Kitáb aclám al-nubuwwa d’Abñ Hátim al-Rázi”. Revue philosophique du Lovain, 87 (1989), PP. 139-164; Mohaghegh M. The kitáb al-shulcúk Calá Jálinús of Muhammad b. Zakariyyá al-Rází, Islamic Studies, 1991, pp. lO8- 116; Mohaghegh M. Rázi’s Kitáb al-ilm al-iláhi and the five eternals, Rey. Abr-Nahrain, vol.13, Leiden, 1972, pp. l6-23; Mohaghegh M. Notes on the ‘Spiritual Physic of al-Rázi, Studia Islamica, 16, París, 1967.P. 5-23;

Доғистонӣ, П.Р. Маккрору, Ф. Роузентал ва дигарон низ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.[1]

Аз ҳамаи корҳои муҳаққиқони номбаршуда, ба ақидаи муаллиф, ҷиддитар таҳқиқоти С.Е. Гомес[2] мебошад, ки омӯзиши масъалаҳоеро ба монанди таъсири файласуфони Юнони Қадим – аз Сукрот то Пифагор ва минбаъд Афлотуну Фулутин, Порфирий ва Фонаи Искандарӣ ба Ар-Розӣ; дар бораи таносухи рӯҳ; дар бораи замон ва макон; роҳҳои маърифат; дар бораи ахлоқи Ар-Розӣ; муносибати ӯ ба монавия ва ғайра дар бар мегирад. С.Е. Гомесҳамчунин феҳристи осори Ар-Розиро аз рӯи гуфтаҳои Ибни Надим, мувофиқи маълумоти Берунӣ, Кифтӣ, Ибни Аби Усайбия меорад. Дар охири кори илмии ӯ як қисми «Расоили фалсафӣ»-и Ар-Розӣ оварда шудааст.

Дар фазои пасошӯравӣ ба омӯзиши осори Ар-Розӣ, махсусан фалсафа ва тибби ӯ таваҷҷуҳи зарурӣ дода нашудааст ва таҳқиқоти хосае анҷом наёфтааст. Аз ин миён танҳо тарҷумаи «Тибби рӯҳонӣ»-и Ар-Розӣ, ки аз ҷониби олими тоҷик Т. Мардони[3] ба иҷро расидааст, истисно мебошад. Дертар дар Тоҷикистон боз як асари ҷолиби таваҷҷуҳ – «Фалсафаи плюралистии Абубакри Ар-Розӣ»-и М. Диноршоев[4] ба чоп расид. Дар он баробари таҳлили замон, зиндагӣ ва осори ин мутафаккир ҳамчунин масъалаҳои вобаста ба ҳастишиносӣ, назарияи маърифат ва андешаҳои иҷтимоӣ-ахлоқии ӯ баррасӣ шудаанд. Масъалаҳои тибб ва фалсафаи тибб бошад дар он таҳқиқ нашудаанд.

Ба монанди Аврупо дар ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ низ рисолаҳо, мақолаҳо, ки ба омӯзиши осори Ар-Розӣ бахшида шудаанд, дар луғатномаҳои энсиклопедӣ, дар «Ахбор»-и донишгоҳҳо ва маҷмӯаҳои илмӣ чоп гардидаанд. Таҳқиқоти Н.А. Фигуровский, А.Е. Бертелс ва Б.Д. Петров, Ю.Б. Исҳоқӣ ва Я.Т. Тоҷиев, У.И. Каримов, Ю. Нуралиев, А.Ш. Комилов, Б.Р. Қурбонов ва дигарон аз ҷумлаи онҳост.[5]

---

[1] Aciduman A, Belen D. Hydrocephalus and its treatment according to Rhazes. Neurosurg Pediatr 2009; 3:161-5; Shoja MM, Tubbs RS, Loukas M, Shokouhi G, Ardalan MR. Facial palsy and its management in the Kitab al-Hawi of Rhazes. Neurosurgery 2009; 64(6): 1188-90; Kasymov A.I. Bioethical views of Abu Bakr Al-Razi (Rhazes). Lik Sprava 2006; 7: 101-4; Mohaghegh M.The “Kitab al-Shukuk’alas Jalinus” of Muhammad ibn Zachariya al- Razi. MJIRI 1988; 2(3): 207-12; Azizi M.H. The Otorhinolaryngologic Concepts as Viewed by Rhazes and Avicenna. Arch Iranian Med 2007; 10(4): 552-5; Daghestani AN (1997) Images in psychiatry. al-Razi (Rhazes), 865–925. Am J. Psychiatry 154:1602; McCrory PR, Berkovic SF (2001) Concussion. The history ofclinical and pathophysiological concepts and misconceptions.Neurology 57:2283–2289; Rosenthal F. Ar-Razi on the hidden illness, in Bulletin of the History of Medicine, lii (1978), 45-6.

[2]GómezS.E. Abu Bakr Muhammad B. Zakariyya *al*-Razi*:* vida, pensamiento *y* obra. UniversidadComplutense, 2001. ISBN 84-8466-260-8.

[3]Ар-Рази Абу Бакр. Духовная медицина. / Пер. с араб. Т.Мардони. - Душанбе, 1990. - 88 с.

[4] Диноршоев М. Плюралистическая философия Абу Бакра ар-Рази. - Душанбе: Дониш, 2013.

[5] Фигуровский Н. А. Очерк общей истории химии. От древнейших времен до начала XIX века. — М.: Наука, 1969; Бертельс А. Е., Петров Б. Д. Проба — Ременсы. — М.: Советская энциклопедия, 1975. –Т.21; Исхаки Ю.Б. Ибн Сино и медицинская наука. - Исхаки Ю.Б., и Таджиев Я.Т. Таърихи мухтасари тибби точик (Краткая история таджикской медицины). - Душанбе: ДДТТ, 1993. - 128с.; И Таърихи тибб. (История медицины). - Душанбе: ДДТТ, 1997; Каримов У.И. Неизвестное сочинение ар-Рази «Книга тайны тайн». – Ташкент, 1957; Нуралиев Ю.Н. Медицина эпохи Авиценны. – Душанбе: Ирфон, 1981; Он же. Фитотерапия при Саманидах//Мероси ниегон. - 1999. - №4. - С.74-83; Он же. Медицина в эпоху Мухаммада аль-Хорезми. // Мухаммад аль-Хорезми в мировой истории и культуре. - Душанбе: Дониш, 1983; Он же. Медицинские трактаты Авиценны.-Душанбе: Ирфон, 1981; Он же. Медицина эпохи Саманидов.- Душанбе: Деваштич,

Вале, тавре ки муаллиф қайд менамояд, аз миёни таҳқиқоти замонҳои гуногун ва ҳатто даҳсолаҳои охир таҳқиқоте ҷой надорад, ки дар он равишҳои равишҳои фалсафии барои идроки тибби Ар-Розӣ баррасӣ гардида бошад. Диссертант дар назди худ вазифа гузоштааст, ки ин халоро пур кунад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Робитаи таҳқиқот бо мавзӯи илмӣ.** Рисолаи дисертатсионӣ дар чаҳорчӯбаи накшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи фалсафаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ барои солҳои 2016-2020, бахшида ба масъалаҳои таърихи фалсафа, фалсафаи иҷтимоӣ ва ахлоқ анҷом дода шудааст.

**Ҳадафи таҳқиқот** - таҳлили маҷмуии фалсафаи тибби Абубакр Муҳаммад ибни Закариёи Ар-Розӣ.

Дастрасӣ баҳадафи гузошташуда ҳаллу фасли вазифаҳои зеринро талаб мекунад:

- муқаррар сохтани равишҳои фалсафӣ-методологии Ар-Розӣ дар омӯзиши масъалаҳои тиббӣ;
- муайян намудани ҷойгоҳи донишҳои тиббӣ дар низоми фалсафии Ар-Розӣ ва асоснок кардани заминаҳои назариявӣ-амалии ин донишҳо;
- таҳлили муносибати Ар-Розӣ ба андешаҳои тиббии Ҷолинус ва нишон додани умумияту фарқиятҳо дар андешаҳои онҳо, ки бар асоси он нишонаҳои фарққунандаи фалсафаи тибби Ар-Розӣ мушаххас карда мешавад;
- омӯзиши вокуниши фалсафӣ ба ҳаёт дар андешаҳои тиббии Ар-Розӣ дар партави ҳаллу фасли масъалаи мавҷудияти инсон аз нигоҳи ӯ;
- асоснок кардани аҳамияти робитаи зотии ҳиссӣ ва ҷисмонӣ дар низоми тибби Ар-Розӣ;
- ошкор намудани аҳамияти аксиологии ахлоқи тиббии Ар-Розӣ дар чаҳорчӯбаи масъалаи ҳифзи сиҳат ва бемориҳои инсон.

**Объекти таҳқиқот** - осори фалсафии Ар-Розӣ

**Мавзӯи таҳқиқот** - фалсафаи тибби Ар-Розӣ.

**Заминаи назариявии таҳқиқот** хеле васеъ аст. Барои муайян намудани заминаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ташаккулёбии ақидаҳои Ар-Розӣ дар мавзӯи фалсафаи тиб рӯй овардан ба мероси фалсафаи Юнони Қадим, асарҳои мутафаккирони аврупоии бахшида ба ҷанбаҳои равонӣ ва тиббии рушди ҷисмонӣ ва ақлонии инсон (Р. Декарт, Н. Малебранш, Б. Спиноза, В. Лейбнитс), инчунин ба ақидаҳои тиббии намояндагони фалсафаи классикии исломӣ зарур буд. Барои нишон додани аҳамият ва фаҳмиши муосири фалсафаи тиб бошад, диссертант корҳои таҳқиқотии олимони аврупоӣ, амрикоӣ, русӣ, эронӣ, арабӣ ва тоҷикро, ки дар тӯли 20-25 солҳои охир нашр шудаанд, истифода кардааст.

---

2003; Комили А.Ш. Физика Абубакра ар-Рази. - М.: МБА, 2014; Он же. Физика ар-Рази и Ибн Сины. - М.: МГУ, 1999; Курбонов Б.Р., Юсуфов З.Н. Мухаммад Закариё ар-Рази - химик и философ // Известия Академии наук Республики Таджикистан. – 2004. С. 91-97; Он же и Сангинова Р. Ученые о трудах по химии Мухаммада Закария Рази // Вестник РТСУ. 2012.- №3 (38).- С. 142-147.

**Асоси методологии таҳқиқотро** методҳои умумиилмӣ ва махсуси маърифат: объективӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, мантиқӣ ва ғайра ташкил медиҳанд. Ба сифати самтгарои методологии таҳқиқот равишҳои фарҳангшиносӣ, герменевтикӣ, аксиологӣ ва ғайра ташкил додаанд.

**Сарчашмаҳои асосии таҳқиқот** асарҳои фалсафӣ, тиббии Ар-Розӣ (ба забонҳои арабӣ ва форсӣ), инчунин тарҷумаи онҳо ба забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ мебошанд.

**Нововарии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки муаллиф бори аввал:

- асарҳои асосии фалсафӣ-тиббии Ар-Розиро дар чаҳорчӯбаи фалсафаи тиб мавриди таҳлили муқоисавӣ ва дар шакли маҷмуъ қарор додааст;

- ҳамбастагии консепсияҳои фалсафӣ ва тиббии Ар-Розиро дар доираи равиши фалсафӣ-методологӣ барои дарки донишҳои тиббӣ муқаррар ва асоснок намудааст;

- бар асоси маводи зиёди илмии фалсафӣ ва тиббӣ нақши маҳсулии фалсафаро дар муносибат бо илми тиб барои шарҳи падидаҳои объективии меъёрҳо ва патологияҳо, саломатӣ ва беморӣ дар таълимоти Ар-Розӣ нишон медиҳад;

- бар асоси таҳлили консепсияҳои гуногуни Ар-Розӣ, ки саломатӣ ва бемории инсонро дар ҷанбаҳои тиббӣ-ахлоқӣ ва фалсафӣ фаро мегиранд, вижагии арзишҳои ахлоқии инсонро нишон додааст.

**Ба ҳимоя муқаррароти зерин пешниҳод мешаванд**:

1. Ар-Розӣ дар таҳқиқоти тиббии худ ба нишондодҳои таҷрибавӣ-воқеӣ такя мекард. Ақидаҳои ӯ дар ин соҳаи донишҳо дар бораи он ӯ ҳамчун инсоне шаҳодат медиҳанд, ки ба пешрафти донишҳо, махсусан донишҳои тиббӣ ҳамчун шарти зарурии рушди раванди маърифат дар маҷмуъ боврӣ дошт. Дар баробари ин, муҳаррики ин раванд ҳамеша зиддиятҳо будааст. Пешрафти ҳамешагии маърифат бояд доимо барои ҷустуҷӯи ҳақиқат мусоидат кунад. Дар ин ҷо тибб истисно нест. Чунин муносибат ба маърифат бозгӯи он буд, ки дар симои Ар-Розӣ табиб ва файласуф «бо ҳам пайвастаанд». Мутаносибан, дар асарҳои ӯ ақида ва консепсияҳое шакл гирифтаанд, ки онҳоро бешубҳа ба соҳаи фалсафаи тибб нисбат додан мумкин аст.

2. Ар-Розӣ чунин ақида ва назарияҳои тиббие коркард намуд, ки дар онҳо аз мавқеи фалсафӣ зарурати истифода аз донишҳои таҷрибавӣ барои ташаккул ёфтани заминаҳои низоми назариявӣ-амалии тибби ӯ асоснок мегардид. Ин замина якчанд унсурҳоро дар бар мегирад: фаҳмиши натурфалсафии моҳияти инсон ва сохтори физиологии ҷисми ӯ; равиши байнифаннӣ барои дарки масъалаҳои тиббӣ; тафаккури синкретӣ; шарҳи ақлонӣ ва таҷрибавии фаъолият ва рушди ҷисми инсон, бемориҳои гуногуни ӯ ва усулҳои воқеии табобати онҳо.

3. Муҳокимаҳои Ар-Розӣ бо интиқоди илмию созанда аз назарияҳои олимон ва файласуфони юнонӣ, аз ҷумла Клавдий Ҷолинус (табиб ва файласуфи Рими Қадим) фарқ мекунад. Ҷолиб аст, ки дар назарияҳои худ Ар-Розӣ «ҷолинусӣ» буд, аммо дар амалия, аксаран, принсипҳои Гиппократро ба

кор мегирифт; назарияҳои Суқрот ва Арастуро дар бораи саломатии равонӣ инкор мекард; ҳолатҳое рух медоданд, ки ба муқобили назарияҳои худаш мебаромад, масалан дар бораи ба таври ҷуфт шаклгирии меъдачаҳои ҳароммағз ва мағзи сар.

4. Фаҳмиши фалсафӣ-тиббии Ар-Розӣ дар бораи ҳаёт бар пояи дарки метафизикии чунин масъалаҳои муҳими ҳастии инсон, чун лаззат ва ранҷу азоб, ки бо таълимоти ӯ дар бораи рӯҳ ва ҷисм пайвастагӣ дорад, асос ёфтааст. Ба ақидаи Ар-Розӣ, узвҳои бадан беназир ҳастанд, онҳо дар ҳар як ҷисм гуногунанд. Дар якҷоягӣ онҳо сохтор ё таркибҳоеро ба вуҷуд меоранд, ки мизоҷҳо (ал-амзиджа) доранд. Мизоҷҳо бошанд, аз рӯи миқдор (каммия) ва сифат (кайфия) - гарм, сард, тар ва хушк фарқ мекунанд.

5. Таносуби байни ҷисм, нафс ва ақл ҳамеша дар таърихи таҷрибаи инсонӣ яке аз масъалаҳои мураккабтарин ва асроромез буд. Ар-Розӣ фарз мекард, ки пас аз марг ҳастии худро танҳо нафси оқила идома медиҳад, зеро танҳо он ҷавҳари хоссаи хешро дорад, дар ҳоле ки ду нафси дигар фақат ҳосили ҷамъи мизоҷи дил ва ҷигар мебошанд. Ҷисм бошад, бо шумули мағз, танҳо абзор ва олати амалисозии вазифаҳои нафси оқила мебошад. Дар маҷмуъ Ар-Розӣ ба ҳар узви бадан, ҳолатҳои гуногуни он таваҷҷуҳ менамуд ва аз ин ҷо ӯ дар бораи мизоҷи инсон хулоса мебаровард.

6. Ар-Розӣ дар асарҳои зиёд ва фаъолияти табибиаш ба таври махсусан амиқ ва муфассал чунин масъалаҳои ахлоқӣ, ба монанди муошироти касбӣ, ахлоқ, ташхис, нигоҳубини беморон ва ғайраро таҳлил менамуд. Ӯ байни табобати ҷисмонии тиббӣ ва табобати рӯҳонӣ фарқ гузошта, исбот менамуд, ки табобати ҷисмонӣ дар амалия ва табобати рӯҳонӣ дар амалия ду консепсияи гуногун ҳастанд. Тибби рӯҳонӣ ё ахлоқи тиббии Ар-Розӣ доираи васеъи масъалаҳо, монанди муносибати табиб ба беморон, масъулияти ӯ дар назди беморон, дар назди худаш ва масъулияти беморон дар назди табиб ва ғайраро дар бар мегирад.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** аз ҷамъоварии мавод, коркард ва таҳлили сарчашмаҳои иттилоот ва маълумоти бадастомада, муайян кардани ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзӯи он, гузориши масъалаҳои асосӣ, нашри натиҷаҳои таҳқиқот, омода намудани мақолаҳои асосӣ аз рӯи кори анҷомёфта иборат мебошад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии** диссертатсия аз он иборат аст, ки дар рисола тавсифи маҷмуии фалсафаи тибби Ар-Розӣ бо таваҷҷуҳ бар таҳқиқи зери масъалаи ҳастии инсон аз мавқеи фалсафа ва тиб дода мешавад; нақши методологӣ ва аксиологии фалсафаи тиб дар муносибат бо тибби муосир нишон дода шудааст. Мавод ва хулосаҳои рисола ҳангоми таҳлили масъалаҳои фалсафаи тиб дар соҳаи таърих ва методологияи тиб, фалсафаи илм, инчунин тартиб додани дарсҳои назариявии фалсафаи тиб ва антропологияи фалсафӣ истифода шуда метавонанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқот**. Рисолаи диссертатсионӣ дар кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон омода шудааст. Натиҷаҳои ин таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 4 мақолаи муаллиф, ки дар

маҷаллаҳои аз ҷониби КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиянамуда чоп шудаанд, инъикос гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми рисола** мутобиқ бо ҳадаф ва вазифаҳои умумии таҳқиқот шакл гирифтаанд. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, ки дарбаргирандаи шаш параграф ҳастанд, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда (164 сарчашма) иборат мебошад. Ҳаҷми рисоларо 150 саҳифаи матни компютерӣ ташкил медиҳад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзуъ асоснок гардида, дараҷаи омӯзиши он, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзӯи рисола, асосҳои назариявӣ-методологии он муайян карда шудааст, навоварии илмии кор тавсиф дода шуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии он баён гардидааст, маълумот дар бораи апробатсия ва сохтори рисола оварда шудааст.

Боби аввали диссертатсия **«Равишҳои фалсафӣ-методологии Ар-Розӣ дар омӯзиши тибб»** аз се параграф иборат мебошад.

Дар параграфи якум – «**Таълимоти фалсафии Ар-Розӣ ва ҷойгоҳи дониши тиббӣ дар он» -** равиши фалсафии мутафаккир дар асоснок кардани таълимоти тибби ӯ баррасӣ гардидааст. Зикр карда мешавад, ки ин равиш дар заминаи дастёбӣ ба қонуниятҳои асосии фаҳолияти ҷисми инсон ва рушди шахсият асос ёфтааст. Муаллиф дар бораи он менависад, ки Ар-Розӣ файласуфест, ки аксари ақидаҳояш аз ҷониби мусулмонони он замон бе шарту қайд пазируфта намешуданд. Новобаста аз ин, онҳо эътироф менамуданд, ки ӯ ҳамчун файласуф ва табиб дар фалсафа ва тибби ҷаҳонӣ саҳми бориз дорад.

Ар-Розӣ дар таҳқиқоти тиббии худ ҳамеша ба нишондодҳои таҷрибавӣ-воқеӣ такя мекард. Ақида ва назарияҳои мутафаккирон ва табибони пешинро аз мавқеи интиқодӣ баҳогузорӣ менамуд, махсусан агар онҳо бар асоси маълумоти санҷидашуда ва таҷрибаи клиникӣ ҳосил нашуда бошанд. Ар-Розӣ ба зарурати истифодаи дастовардҳои нав дар соҳаи тиб таъкид мекард. Дар айни замон, эътиқодот ва назарияҳои қадимаи тиббӣ аз ҷониби ӯ ба мартабаи дуюм гузошта мешуданд. Ҳамин тавр, ӯ ба баъзе асарҳои мутафаккирони юнонӣ тафсирҳои интиқодӣ навиштааст. Дар ин маврид махсусан китоби ӯ «Аш-шукук ‘ала Ҷолинус» («Шакку шубҳаҳо ба ақоиди Ҷолинус») ҷолиб аст. Ар-Розӣ, ҳамчунин, назарияи Гиппократ ва Афлотунро дар бораи сарчашмаҳо ва ҷойгиршавии асабҳо инкор намуд.[1] Рисолаҳои мутафаккир аз он шаҳодат медиҳанд, ки ӯ гузаронидани таҷрибаҳо дар ҳайвонот ва инсонро барои баҳогузории доруҳо ва усули табобат ба пуррагӣ имконпазир меҳисобид. Ар-Розӣ маҳдудиятҳои гуногунеро, ки аз ҷониби Ҷолинус муқаррар гардида буданд, инкор намуд ва ба усулҳои қадимаи табобат ҷанг эълон карда, аз дастовардҳои нав дар тибб ва амалия огоҳӣ

---

[1] Ар-Рази Мухаммад ибн Закарийа. Книга возражений Галену /Пер. с араб. прим. и приложения С. Махмадуллаева. -Душанбе, 2016. С. 46-49.

медод. Ба назар мерасад, ки ӯ ба таҷриба беш аз ақидаҳои фалсафии худаш бовар дошт.

Натиҷаҳои таҳқиқоти Ар-Розӣ дар рушди илмҳои тибб дар маҷмуъ чунин мебошанд: имконоти клиникиро дар табобат, пешгӯӣ ва ташхиси бемориҳо нишон додааст; навъҳои табобатро тавсиф намуда, бар асоси мушоҳидаҳои клиникӣ исбот кард, ки дар байни вазъияти анатомии беморӣ ва аломатҳои клиникӣ робитаи бечунучаро вуҷуд дорад; муҳим будани ғизо ва реҷаи ғизоро барои пешгирии бемориҳо ва табобати беморон асоснок намуд; бемориҳои гуногун, ташхис ва усули табобати онҳо ва ғайраро тавсиф додааст.

Ҳамаи таҷриба ва донишҳои худ дар бораи тиббро Ар-Розӣ дар асарҳои бешумораш, аз ҷумла, дар «Китоб ул-ҳовӣ фи-т-тибб» («Китоби фарогири ҳама дар тибб»), «Китоб ут-тиб ал-Мансурӣ» («Тибби Мансурӣ»), «Китоб-фи-л-ҷудорӣ в-ал-ҳасба» («Китоб дар бораи обила ва сурхча»), «Тибби фуқаро», «Шукук ‘ала Ҷолинус» («Эътирозҳо ба ақоиди Ҷолинус») ва ғайра Мутафаккир ба пешрафти донишҳо, махсусан донишҳои тиббӣ итминон дошт. Дар баробари ин ӯ таъкид менамуд, ки зиддиятҳое, ки байни таълимоти файласуфон ва олимони касбу кори дигар вуҷуд доранд, ба ин пешрафт ва дарки ҳақиқат мусоидат мекунанд.

Ар-Розӣ ба қудрати хирад итминони комил дошт ва одамонро ба муносибати мусбати равонӣ нисбат ба ҳар чизе, ки дар атрофашон мегузарад, даъват менамуд. Шифои ҷисмониро ӯ бо шифои руҳонӣ ба таври устувор пайваст менамуд ва усулҳои ин пайвастагиро дар рисолааш таҳти унвони «Тибби руҳонӣ» баён намудааст. Хизматҳои Ар-Розӣ инчунин бо он баён мешаванд, ки вай ақидаҳои зиёди амалӣ ва пешрафтаро ба соҳаи тиб ва равоншиносӣ ворид кардааст.

Ҳамчун олими пешқадам – файласуф ва табиб, Ар-Розӣ доимо барои ҷасораташ дар зери шубҳа қарор додани назарияҳои қадимаи Арасту ва Ҷолинус дар бораи унсурҳо ва мизоҷҳо ба ҳуҷумҳои намояндагони кӯҳнапарасти касби худ дучор мегашт. Вай ҳам ба ҳарду мутафаккир бо эҳтироми зиёд муносибат дошт, вале дар баробари ин чунин мешумурд, ки ин эҳтиром барои нишон додани ҳар чизе, ки дар назарияи онҳо иштибоҳ буд, монеъ нест ва набояд монеъ гардад. Ар-Розӣ таъкид менамуд, ки муҳаққиқони давраи ӯ дар соҳаи тиб назар ба табибони қадим дорои абзору анҷоми хеле беҳтари тиббӣ буда, бештар огоҳӣ ва масъулият доранд. Ҳамин тавр, пешрафт дар илм, ки дар бораи он файласуф навиштааст ва рӯи он андеша менамуд, дар замони ӯ аллакай ифодаи ошкорои моддигароӣ дошт.

Дар параграфи дуюм - «**Асоси назариявӣ-амалии низоми донишҳои тиббии Ар-Розӣ»** -қайд карда мешавад, ки ақида ва назарияҳои тиббии худро мутафаккир аз мавқеи донишҳои таҷрибавӣ, ки заминаи низоми назариявӣ-амалии тибби ӯро ташкил медоданд, коркард намудааст. Ин замина якчанд унсурҳоро дар бар мегирад: фаҳмиши натурфалсафии моҳияти инсон ва сохтори физиологии ҷисми вай; равиши байнисоҳавӣ барои дарки масъалаҳои тиббӣ; андешаҳои синкретӣ дар бораи мавзӯи тибб; шарҳҳои

ақлонӣ ва таҷрибии фаъолият ва рушди организми инсон, бемориҳои гуногуни ӯ ва усулҳои воқеии табобати онҳо.

Низоми назариявӣ-амалии тибби Ар-Розиро бояд пеш аз ҳама аз нигоҳи таърихӣ, яъне бо назардошти омилҳои таъсиррасон ба тасаввуроти куллию синкретии ин мутафаккир дар бораи тиб баррасӣ намуд. Асоси синкретизми таълимоти Ар-Розиро назария ва консепсияҳои файласуфони Юнони қадим ташкил медиҳанд. Ақидаҳои онҳо дар ҷомеаи мусулмонӣ тавассути тарҷумаи осори Арасту, Афлотун, Ҷолинус, Гиппократ паҳн гардиданд. Вале, шоистаи таваҷҷуҳ он аст, ки Ар-Розӣ бо асарҳои онҳо ошноӣ пайдо карда, ба пуррагӣ дар равиши фалсафии худ мустақил мондааст. Таваҷҷуҳи ӯро ҳатто табииёт ва метафизикаи арастуӣ низ ҷалб накарданд. Дар «Тибби руҳонӣ» Ар-Розӣ бо такя ба донишҳои худӣ аз фалсафаи юнонӣ, инчунин бо такя бар таҷрибаи шахсиаш назарияи афлотунӣ-эпикурии худро дар бораи лаззат ҳамчун бозгашт ба ҳолати мавзунии табиӣ коркард намуд. Дар «Китоб-ус-сира ал-фалсафиййа» ӯ фалсафаро чун тарзи ҳаёт ҳимоя менамояд ва мавқеи танқидиро дар муносибат бо зуҳд ҳамчун амали ифротӣ ва бесамари инсон ишғол мекунад.

Дар «Тибби руҳонӣ» файласуф масъалаи маргро низ ёдовар мешавад. Барои аз байн бурдани тарси дардноки инсон дар рӯ ба рӯшавӣ бо маргро кӯшиш намуда, ӯ ду намуди бурҳонҳои тиббии тамоман гуногун - бурҳони афлотунӣ – ба манфиати ҷовидонии руҳ ва агар ин эътимодпазир набошад, - бурҳони эпикуриро истифода мебарад.

Дар асоси назариявӣ-амалии низоми тиббии Ар-Розӣ инчунин ақлгароӣ низ дохил мешавад, махсусан, агар сухан дар бораи ҷанбаҳои руҳонии он аз нигоҳи тафсироти фалсафӣ равад. Ба назари ӯ таълимоти фалсафӣ метавонанд нақши азиме дар ҳунари табобат бозанд ва табиби хубро зарур аст, то бо онҳо ошноӣ дошта бошад. Масалан, барои табиб донистани мантиқ, ки ҳамчун абзори ҳифзкунандаи ақл аз хатогиҳо ҳисоб мешавад, зарур буд. Бо донистани қонунҳои мантиқ, ба ақидаи Ар-Розӣ, табиб муайян карда метавонад, ки табобаташ дуруст аст ва ё дар интихоби усули табобат хато мекунад. Мантиқ бо хулосабарориҳо, яъне бо равиши ақлонӣ барои ташаккули сохторҳои мантиқӣ дар тафаккури ҳам файласуф ва ҳам табиб сарукор дорад.

Мафҳуми *ақл* дар фалсафаи Ар-Розӣ ҷойгоҳи марказиро ишғол намудааст. Ӯро метавон ба қатори ба ном «ақлгароёни соф» ворид кард. Ӯ ба ақл ва танҳо ба ақл боварӣ дорад.

Ар-Розӣ ба масъалаи абадияти нафс низ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Дар ин масъала вай бештар ба он майл дошт, ки Афлотун ин масъаларо чӣ гуна ҳаллу фасл мекунад. Ар-Розӣ ба маърифат ва камоли ақлоние даъват мекард, ки инсонро аз тарс дар назди марг раҳоӣ мебахшанд. Он умедворӣ ба ҳаёти абадие, ки дар бораи он файласуфони юнонӣ ва Ар-Розӣ мегуфтанд, маҳз ба шарофати донишҳое тавлид мешаванд, ки инсон бояд дар тӯли тамоми умри худ ба даст орад. Ба ақидаи Ар-Розӣ ягон қувваи ғайриақлониро барои беҳтар сохтани ҳолати ҷисмонӣ ва руҳонии инсон истифода бурдан мумкин нест.

Файласуф таъкид мекард, ки ҳама гуна дониш бояд асоси мушоҳида ва таҷрибаи шахсӣ дошта бошад, яъне саҳеҳияти дониш танҳо бар асоси мушоҳида ва таҷрибаҳои такрорёбанда тасдиқ ёфта метавонад. Тавре мебинем, Ар-Розӣ ба низоми назариявӣ-амалии тибби худ чунин унсуреро низ мисли таҷрибагароӣ ворид мекунад. Эътиқоди Ар-Розӣ дар бораи он ки донишҳо бояд қатъан бар таҷриба асос ёбанд, устуворона аст. Ин чунин маънӣ дорад, ки андешаронииҳои фалсафӣ-тиббии ӯ дар бораи ҷисми инсон, бемориҳои ӯ, роҳҳо ва воситаҳои табобати ин бемориҳо бар пояи далелҳои таҷрибавӣ устувор буданд. Бояд қайд намуд, ки Арасту ва машшоиёни шарқӣ асоси донишҳои саҳеҳро донишҳои аподиктикӣ меҳисобиданд, ки тавассути истифодаи қиёсҳо, бо дарки робитаи сабабу натиҷа ба даст меояд. Ба ақидаи Ар-Розӣ бошад, донишҳои саҳеҳро касе дорост, ки онро бо рӯ овардан ба таҷриба ва мушоҳида дарк мекунад.

Равиши таҷрибавии Ар-Розӣ махсусан дар рисолаҳои ба масъалаҳои тиб ва кимиё бахшидаи ӯ ошкоро мушоҳида карда мешавад. Вай бо шавқи зиёд малакаи тиббӣ-клиникиро дастгирӣ мекард ва таъкид менамуд, ки агар касе, ҳатто усулҳои табобати тиббиро омӯхта бошаду лекин дар баробари ин таҷриба надошта бошад, пас ӯро дар баробари табибони бемаълумот ва ба қатори «марговарон» ворид кардан мумкин аст. Дар баробари ин Ар-Розӣ инчунин имконпазир медонист, ки ҳар табибе бо ҳамаи таҷриба ва далелҳои ақлонии худаш метавонад тавсияҳои хато диҳад, вале бо мурури замон, бо ба даст овардани малакаи бештар, ӯ метавонад хулосаҳои худро ислоҳ намояд ва роҳи беҳтари табобати беморро пайдо кунад.

Тибби таҷрибавии Ар-Розӣ, чун табиби муваффақ дар ташхис ва пешгӯӣ кардан бо дақиқияти баланд ва беназириаш тавсиф карда мешавад ва ин натиҷаи омӯзиши бевоситаи беморист. Муаллиф чунин меҳисобад, ки Ар-Розӣ боиси рушди усулҳои нави назорати вазъии таҷрибаҳо дар тибби клиникӣ гардидааст. Олимон ва табибони дигар низ аз ӯ пайравӣ кардаанд. Бар асоси назарияҳои ӯ онҳо усулҳои нави илмии таҳқиқи инсонро коркард намуданд.

Параграфи сеюм ба таҳлили **муносибати шаккоконаи Ар-Розӣ ба андешаҳои тиббии Ҷолинус** бахшида шудааст. Муаллифи рисола чунин меҳисобад, ки Ар-Розӣ аз миёни муҳаққиқони мусулмони он замон бо он фарқ мекунад, ки ӯ нафақат ба шарҳу танқиди созандаи илмии олимон ва файласуфони юнонӣ машғул буд, балки осори сирф илмии худро низ навишта, дар онҳо исбот менамуд, ки амалияи клиникӣ ба кашфиёт ва дастовардҳои фалсафӣ ниёз дорад. Махсусан, дар ин кор китоби ӯ «аш-Шукук ‘ала Ҷолинус» боиси таваҷҷуҳ аст ва дар он файласуф ҳангоми нақди Ҷолинус ақидаҳои худро баён мекунад. Тавре маълум аст, Ҷолинус ҳангоми хизматрасонӣ ба беморони худ усулҳои Гиппократро истифода мебурд. Дар баробари ин, вай ақидаҳои зиёди худро дар бораи ташаккулёбии майна, ҳароммағз ва меъда, узвҳои дигари бадани инсон пешниҳод кардааст, ки тавассути онҳо инсон муҳити атрофашро дарк мекунад. Аксари ин ақидаҳоро Ар-Розӣ зери тозиёнаи танқид гирифт. Вале, ин танқид маҳвкунанда набуд.

Ар-Розӣ чунин меҳисобид, ки ҳам худи ӯ ва ҳам Ҷолинус ба як чиз кӯшиш доранд - ба дарки ҳақиқат. Бо мақсади нишон додани бузургии Ҷолинус ва дурустии танқиди худаш нисбати ӯ файласуфи мусулмон менависад, ки олимон-табибони муосир ба шарофати донишҳои андӯхташуда назар ба табибони қадим хеле бештар медонанд ва дар ин кор хизмати Ҷолинус ҳам, ки Ар-Розӣ ба ӯ яке аз асарҳои алоҳидаи худро бахшидааст, муассир аст. Дар чунин ҳолат, ҷолиб аст, ки ба ақидаи диссертант, ҳардуи онҳо муътақид буданд, ки тиб ва фалсафа ҳамдигарро пурра менамоянд (тиб - «фалсафаи ҷисм», фалсафа бошад - «дармони руҳ» аст).

Дар ин параграф муаллиф ба таври муфассал баррасӣ намудааст, ки чӣ тавр Ар-Розӣ ва Ҷолинус фаъолияти узвҳои бадани инсонро мефаҳмиданд ва шарҳ медоданд, кадом робитаро байни мағз ва асабҳо, эҳсос, ҳаракатҳои ироди ва қувваҳои нафс медиданд. Дар ин ҷо назари ин ду мутафаккир қариб, ки фарқият надоранд. Аммо, вақте ки сухан дар бораи қувваи биной меравад, Ар-Розӣ бо нуктаҳои зиёди ба хулосабарориҳои Ҷолинус розӣ намешавад ва танқиди ӯ дар воқеъ асоснок ва мудаллал аст.

Дар китоби «Шукук ‘ала Ҷолинус» Ар-Розӣ ҳамчунин баъзе аз ақидаҳои космологии табиб ва файласуфи юнониро инкор мекунад. Ар-Розӣ тиббро бо фалсафа пайванд намуда, таъкид мекунад, ки амалияи солим тафаккури мустақил мехоҳад. Файласуфи мусулмон маҳз чунин тафаккурро доро буд. Бинобар ин ӯ ба аксари нуктаҳои Ҷолинус бовар надошт ва дар навбати худ масалан, менависад, ки мушоҳидоти шахсии клиникии худаш дар бораи табобати вараҷа аз он чи Ҷолинус навиштааст, фарқ мекунанд. Дар натиҷа Ар-Розӣ ба хулосае меояд, ки таҷрибаи клиникии ӯ аз таҷрибаи Ҷолинус хеле беҳтар аст.[1]

Ар-Розӣ ҳамчунин назарияи Ҷолинусро дар бораи мизоҷ зери танқид қарор медиҳад, ки мувофиқи он ҳамаи ҳастии ҷисмонӣ аз чор унсур – оташ, ҳаво, хок ва об иборатанд ва онҳо дар навбати худ мутаносиб ба чор сифати модда – гарм, сард, хушк ва тар мутобиқанд. Нигоҳдории тавозуни байни миқдор ё сифати моеъҳо боиси таъмини саломатӣ мешавад, вайроншавии онҳо бошад, сабаби нуқсон ва бемориҳо мегардад.

**Боби дуюм – «Фалсафаи тибби Закариёи Ар-Розӣ» -** аз се параграф иборат аст. Дар параграфи аввал **- «Ҳастии инсон: бозтоби фалсафии ҳаёт дар тибби Ар-Розӣ» -** таъкид карда мешавад, ки тамоми фалсафа ва амалияи тиббии Ар-Розӣ ҳамеша ба инсон нигаронида шуда буданд. Ӯ кӯшиш мекард ба инсон бо тамоми томияти вай нигоҳ кунад, фалсафаи ҳастӣ ва рафтори ӯро бо назардошти ченакҳои тиббӣ шарҳ диҳад. Дар баробари ин, файласуф таваҷҷуҳи асосиро ба масъалаи ба даст овардани адолат нисбат ба нафсу ҷисми инсон равона мекард.

Фаҳмиши фалсафӣ-тиббии ҳаёт аз назари Ар-Розӣ ба муқаддамоти метафизикии асоснок намудани чунин масъалаҳои муҳими ҳаёти инсон, ба монанди роҳат ва ранҷ такя мекунад. Ин ду мақулаи фалсафӣ ва дар айни замон тиббӣ бо таълимоти ӯ дар бораи нафс ва ҷисм зич алоқамананданд. Дар

---

[1] Абу Бакр ар-Рази. Духовная медицина. С. 96-97.

маҷмуъ ин таълимот мустақиман бо таълимоти умумиисломие мутаносиб аст, ки мувофиқи он нафс пас аз иттиҳоди худ бо ҷисм аз рӯи иштибоҳ ва нодонӣ ба лаззатҳои моддие, ки ӯро иҳота кардаанд, майл намудааст. Ва дар ин иттиҳоди ноҷӯр нафс ба сабаби номувофиқатии миёни табиати абадии хеш ва ҷисми заволёбанда ранҷу азобашро идома медиҳад ва он дар инсон эҳсоси ноумедиро тавлид месозад. Вале бо дахолати илоҳӣ, бо ёрии дониши фалсафӣ таодули азбайнрафта метавонад барқарор гардад. Дар ин маврид муқаррароти қуръонӣ, ки онҳоро Ар-Розӣ ҳамчун асолати таҳқиқ қабул мекунад, ба кор меравад: азбаски Худо ҳаким, раҳмон, қодир, одил ва раҳим аст, намехоҳад, ки инсонҳо ранҷ кашанд. Бинобар ин худи инсон низ бояд худ, дигарон ва/ё ҳамаи ашёро маҳдуд ва маҷбур созад, то ки бе сабаб ранҷу азоб накашанд. Дар баробари ин ӯ умедвор аст аз ранҷҳои ҷиддитар низ дуртар қарор гирад. Ба ақидаи Ар-Розӣ ранҷу азобҳои шахсӣ ё дигарон, ҳарчанд гувоҳи «озодии ахлоқӣ»-и мо ҳастанд, чун амале боқӣ мемонанд, ки ҳадафи олии офаринишро, ки барқарории адолат ва ба даст овардани дониш аст, халалдор мекунад. Амалисозии ин равандҳо дар ҳастии инсонӣ аст, ки ба озодшавӣ аз олами ҷисмонӣ, марг ва дарду аламҳо оварда мерасонад. Дар таълимоти Ар-Розӣ лаҳзаи зерин муҳим аст: файласуф чунин меҳисобад, ки ранҷу азобҳо метавонанд марговар бошанд ва дар айни замон имконпазир, ба шарте ки агар аз Худо сарчашма гирифта бошанд, аммо агар онҳо аз худи инсон ҳосил шуда бошанд, қобили қабул нестанд ва беадолатона мебошанд.

Ар-Розӣ лаззатро ба таври оддӣ ҳамчун сиҳатёбӣ, чун бозгашт ба ҳолати маъмулӣ ё ҷой надоштани дард таъриф мекунад. Ба қавли ӯ, инсон даъвои қаноат намуда, фаромӯш мекунад, ки он, бешубҳа, ба ниҳояти дардовар мерасонад, аммо ёдоварии кутоҳе дар бораи дард/қаноат бо боварӣ бар он, ки қаноат ин лаззати соф аст, монеъ мегардад. Ар-Розӣ арзиши қаноатҳои ҳосилшударо ба ҳадди ақал мебарад, зеро онҳо ба одат мубаддал гашта, инсонро ба содир намудани амалҳои гуногуни ҳатто маҳкумшаванда маҷбур месозад, то ки аз сари нав лаззатро эҳсос намояд. Ҳамин тавр, Ар-Розӣ чунин мешуморид, ки инсон дар ҳолати ноилоҷӣ бояд тавони оромиро дошта бошад. Дар навбати худ ваҷду лаззат ӯро намегузоранд, ки дар ҳолати оромӣ қарор гирад.

Ар-Розӣ муътақид буд, ки узвҳои инсон нотакроранд. Моҳиятан онҳо сохтор ё таркиберо ба вуҷуд меоранд, ки бо мизоҷи худ фарқ мекунад. Дар навбати худ мизоҷ метавонад гарм, сард, тар ва хушк бошад.

Сипас муаллифи диссертатсия таҳлил мекунад, ки чӣ тавр Ар-Розӣ масъалаҳоеро ҳаллу фасл менамояд, ки мустақиман бо фаъолияти ҷисми инсон, нигаҳдории тавозун дар узвҳои вай, ки ҳангоми халалдор шудани он дар ҷисм бемориҳо пайдо мешаванд, робита доранд.

Ар-Розӣ пайрави назария дар бораи мизоҷҳо буд, ки мутобиқи он ҳастии инсон ва саломатии ӯ тавассути се усул, монанди таодул, тавозун ва аҳамияти он муайян карда мешаванд. Худи ҳамин усулҳо асоси назарияи мизоҷҳои Ҷолинусро низ ташкил медиҳанд. Бо қабул кардани ақидаҳои Ҷолинус дар тибби назариявӣ ва ақидаҳои Гиппократ - дар тибби амалии худ

Ар-Розӣ новобаста аз ҳардуи он, ба натурализми хеш содиқ мемонад. Дар ин таълимот, мувофиқи ақидаи Ар-Розӣ, усули «табиати ҷисм», ки тавассути модда идора шуда, монеи пайдоиши бемориҳо мегардад ва ҳангоми вурудашон ба ҷисм бо онҳо муқовимат мекунад, аҳамияти афзалиятнок дорад.

Параграфи дуюм **«Робитаи зотии хосиятҳои ҳиссӣ ва ҷисмонӣ дар низоми назариявӣ-амалии тибби Ар-Розӣ»** ном дорад. Дар он қайд карда мешавад, ки муносибати байни ҷисм, нафс ва ақл ҳамеша боиси таваҷҷуҳи зиёди олимони соҳаҳои гуногун буданд. Новобаста аз ҳамаи дастовардҳо дар фалсафа, тибб, физиология, генетика ва илм дар бораи асабҳо мо ҳанӯз ба дарки пурраи моҳияти ақл, нафс ва ҷисм, инчунин таносуби робитаи байниҳамдигарии хосиятҳои ақлонӣ ва ҷисмонӣ нарасидаем. Савол дар бораи он ки ин робитаҳо дар воқеъ чигуна сурат мегиранд, то ҳанӯз муаммо боқӣ мондааст.

Ар-Розӣ таҳти таъсири Афлотун қарор гирифта, мусалламан таълимот ва таснифи ӯро дар бораи нафс қабул кардааст. Мутафаккири мусулмон низ чунин мешуморад, ки танҳо нафси оқил мавҷудияти худро пас аз марг идома медиҳад, зеро танҳо он ҷавҳари хос ва вижагии худро дорад, дар ҳоле ки ду нафси дигар (ҳайвонӣ ва наботӣ) фақат маҷмуи мизоҷи қалб ва ҷигар ҳастанд. Ҷисм бошад, ҳамроҳ бо майнаи сар танҳо абзор ва олати амалӣ шудани фаъолияти нафси оқила аст. Ақидаҳои Афлотунро дар бораи инсон ва мизоҷи ӯ таҳлил намуда, Ар-Розӣ ба хулоса меояд, ки инсон бояд барои аз худ намудани тибби ҷисмонӣ, ки онро иҷтимоӣ ва руҳонӣ меномад, кӯшиш намояд. Ҳамин тавр, нафс ба ақидаи Ар-Розӣ, - ин ҳаёт, сурат, ҷисмбошад – модда аст; онҳо ба ҳам ниёз доранд ва ҳамдигарро пурра менамоянд. Нафс – маҷмӯи қобилиятҳо ва ё фаъолиятҳоест, ки ҷисмро бо иттилоъ таъмин менамояд ва ба сохтори ҷисмонии он сурат мебахшад; дар баробари ин, ҷисм бояд аз маводи муносиб сохта шуда бошад, то ки ин фаъолиятҳо иҷро шаванд. Вале, нафс на танҳо қудрати ҳаётӣ, балки инчунин сохтори динамикӣ ва қолаби муташаккилест, ки дар мувофиқат бо онҳо ва барои ҳадафҳои онҳо ҷисми моддӣ дар дохили он сурат ва сохтор мегирад. Се навъи нафсро аз нигоҳи Афлотун тавсиф намуда, Ар-Розӣ насфи ғазабиро ҳайвонӣ меномад; ӯ макони ин нафсро дар дил муайян сохта, онро ба маҷмуи мизоҷи дил баробар менамояд ва бинобар ин, онро фосид эълом медорад, зеро мизоҷҳо фосидшавандаанд. Нақши ягонаи нафси ҳайвонӣ аз таъмини гармии табиӣ ва ҳаракатҳои импулсивӣ, яъне ҳаракатҳои беихтиёрона ва рефлекторӣ, ки бо нафасгирӣ ва низоми дилу рагҳо робита дорад, иборат мебошад. Ҳаракати ихтиёрӣ ва ҳамаи амалҳои дигари бошуурона ба нафси оқила рабт доранд. Дил сарчашмаи ҳаёт аст ва гармии табиӣ, нафаскашӣ ва «ҳаракат»-и дилу рагҳоро боис мегардад. Ар-Розӣ илова менамояд, ки дар ҳайвоноти бе хун ва бе дил чизе шабеҳи дил вуҷуд дорад. Майнаи сар сарчашмаи асабҳо ва эҳсосот, ҳаракат ва фикррона, амалҳои равониест, ки ҳукмрон номида мешаванд.

Мафҳуми «ақлонӣ»-и Ар-Розӣ ҳамаи амалҳои бошуурона, аз ҷумла, эҳсосот ва ҳаракатҳои ихтиёриеро, ки барои ҳайвонот ва инсонҳо умумианд, дар бар мегирад. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки назди Ар-Розӣ нафси нотиқа, масалан, назар ба Арасту маънои нисбатан васеътар дорад. Дар ин ҷо муаллиф ба омӯзиши масъала дар бораи он мутаваҷҷеҳ мешавад, ки назари Ар-Розӣ дар бораи ҳайвонот чӣ гуна аст. Ба ақидаи файласуф, ҳамаи онҳо дорои эҳсос мебошанд ва аз ин ҷо, дардро ҳис карда метавонанд. Дар «Тибби руҳонӣ» Ар-Розӣ аскаран рафтори ҳайвонотро ба амалҳои ҳадафнок ва пешбинишудаи одамон, ки ақлашон бо ёрии тахайюл метавонад гузинаҳои рафтори худ ва натиҷаҳои дарозмуддати онро пеш аз интихоби беҳтарини онҳо таҳқиқ кунад, муқобил мегузорад.

Дар бораи муносибати Ар-Розӣ ба замон ва таносуби он бо амалияи тиббӣ дар «Китоб бур’ ал-са‘а», ҳангоме ки ӯ бемориҳои ғайримузмин ё кӯтоҳмуддат (зуком, дарди дандон, дарди гулӯ, садоҳо дар гӯш, хунравӣ аз бинӣ ва ғайра)-ро ном мебарад, ё ҳангоме ки ӯ гоҳо ифодаи «зуд ором меёбад»-ро истифода мекунад, ё вақте ки дар бораи дарди сар, ё сӯзиши чашм зикр мекунад, сухан меравад.

Бо таҳлили робитаи байни мизоҷи одамӣ, ки асоси моддӣ ва маънавист, аз як сӯ ва хусусиятҳои хоси макон бо муҳит ва замони худ, аз сӯи дигар, мутафаккир ба масъалаи маърифати робита байни тақсимоти замонӣ (маҳдуд ва мутлақ) ва беморӣ (ҷисмонӣ ва руҳонӣ) муроҷиат мекунад. Замони мутлақро ба мунтазам ва маҳдуд тақсим намуда, Ар-Розӣ тахмин мекунад, ки табодули ҷисм дар замони маҳдуде анҷом меёбад, ки бо ҷирмҳои осмонӣ нисбат дорад, аз ин ҷо, ӯ ҷисмро ҳангоми ба ларза дучор омаданаш бо заминҷунбӣ муқоиса мекунад. Ин чунин маъно дорад, ки саломатӣ ва ҳатто лаззат дар зиндагӣ мудовимат ва пайдарҳамӣ надоранд ва ҳама бояд ба меъёри халалёфта баргарданд.

Дар «Китоб ат-тиб ал-Мансурӣ», ки ба тибби профилактикӣ бахшида шудааст, Ар-Розӣ дар бораи он менависад, ки рӯй овардани мардум ба санъати тиб зарурат дорад, зеро инсон ҳар лаҳза, дар ҳар макон ва кишваре метавонад бемор шавад, бинобар ин, омӯзиши баъзе ҷанбаҳои ин ҳунар муфид аст, ҳадди ақал барои он, ки бифаҳмем, ки чӣ гуна ҳолати хуби ҷисм ва саломатии инсон, амалиёти бар эҳтиёт асосдоштаи онро халалдор насозем. Дар қисмати даҳуми асари номбурда зери унвони «Дар маърифати замони беморӣ» ӯ вақти бемориро бо қувваи он марбут месозад ва таъкид менамояд, ки ҳамаи бемориҳои қавӣ кутоҳмуддатанд, онҳо ё мекушанд, ё ба таври табиӣ бухрони ҷисмро ба миён меоваранд. Ғайр аз ин, кишварҳои дорои ҳавои гарм ва иқлимашон муътадил, ё ин ки норасоии ғизо ва баъзе ҷисмҳои аз ҳад зиёд харобу лоғар бо мурури замон паҳншавии бемориҳо бояд маҳдуд созанд. Дар акси ҳол беморӣ бештар идома меёбад. Пештар аз ин, дар боби чоруми китоб, ӯ табобати ҷисмро мутобиқ бо чор фасли сол баррасӣ кардааст. Ҳар лаҳза ё фосилаи замон барои Ар-Розӣ вижагиҳои худро дорад ва бо бемории муайян, ғизо ё ҳатто маззаи нон ё ҷуръаи об мувофиқат дорад.

Ар-Розӣ дар боби дуюми дастури тиббии худ - «Ал-Тибб ал-Мансурӣ» физиогномикаро низ баррасӣ кардааст.

Дар маҷмуъ таҳлили амиқи ҳолати ҷисм, аломатҳои зоҳирӣ ва ботинии бемории маризон аз ҷониби мутафаккир ба ӯ имкон доданд натиҷаҳои мушоҳидаҳои худро бо ташхисҳои дигари ҳолати беморӣ умумият диҳад. Тавассути чунин равиш мутафаккир тавонистааст, ки намудҳои гуногуни бемориҳоро муайян намояд, табиат ва дараҷаи вазнинии онҳоро шарҳ диҳад, ба сохтори ҷисмонӣ ва равонии инсон сарфаҳм равад. Ҳамаи ин муҳокимарониҳои Ар-Розӣ то ҳанӯз, махсусан барои духтурони ташхисгар муфид боқӣ мондаанд.

Дар параграфи сеюми боби дуюм **мабодии ахлоқи тиббии Ар-Розӣ дар доираи масъалаи саломатӣ ва беморӣ дар низоми арзишҳои фардӣ** баррасӣ мешаванд. Пеш аз ҳама, муаллиф қайд менамояд, ки масъалаҳои ахлоқӣ ҳамеша ҳам дар фалсафаи тибб ва ҳам дар таърихи ахлоқи тиббӣ дар маҷмуъ мақоми баланде доштаанд. Ба ақидаи Ар-Розӣ, табобати ҷисмонию амалия ва табобати руҳонию амалия - ин ду назарияҳои гуногун ҳастанд, ки аз Афлотун сарчашма мегиранд. Афлотун бештар на ба ҷисм, балки ба «ман»-и ботинии инсон, ки барои ҷисм аҳамияти ҳалкунанда дорад, аҳамият медод. Ар-Розӣ низ ба масъалаи таносуби руҳонӣ ва ҷисмонӣ дар таълимоти хеш таваҷҷуҳи хеле зиёд додааст. Ин файласуф ақидаеро дар бораи он, ки табиби ҷисм - табиби руҳ низ ҳаст, рушд дода, он дар асарҳояш инъикос ёфтааст. Норасоиҳои руҳонӣ-ахлоқӣ ва ҷисмонии шахсият, сабаб ва роҳҳои табобати онҳоро баррасӣ намуда, Ар-Розӣ таълимоти хоссаи тибби руҳонӣ ё ахлоқи тиббиро коркард намуд, ки аз таълимоти Афлотун фарқ дорад.

Соҳаи ахлоқи тиббӣ доираи васеи масъалаҳо, аз ҷумла, вобаста ба фаъолияти табиб ва муносибати ӯ бо маризонро дар бар мегирад. Масъалаҳои пайваста бо ахлоқи тиббиро Ар-Розӣ чунин баён менамояд: табиб бояд масъулиятро дар назди маризон, дар назди худаш ва масъулияти маризонро дар назди табиб эътироф дошта бошад. Дар бораи масъулияти табиб сухан ронда, Ар-Розӣ таъкид мекунад: табиб бояд мунтазам омӯзад, донишҳои илмии худро инкишоф диҳад ва садоқати худро ба маълумоти тиббӣ ҳифз кунад, масъалаҳои фалсафа ва илмҳои табииро сарфаҳм равад, некхоҳ бошад ва аз такаббур худдорӣ кунад, аз лаззатҳои зиёдатӣ, махсусан шаробхорӣ дур бошад, ба намуди зоҳирии худ диққат диҳад: либос ва мӯйсараш бояд тозаю озода бошанд. Уҳдадориҳои табиб дар назди маризон бошад, чунинанд: муносибати хайрхоҳона ба маризон; табибон набояд дағал ва бадқаҳр, вале бояд ҳамдард ва хоксор бошанд; онҳо бояд чизеро, ки дар раванди табобат фаҳмидаанд, аз маризони худ пинҳон нигоҳ доранд; бояд, ки онҳоро аз назари равонӣ дастгирӣ кунанд, бояд маризонро руҳбаланд карда тавонанд, махсусан ҳангоме ки дар онҳо умед ба шифо ёфтан аз бемориашон нест, бояд ба маризон умед бахшанд. Дар дили мариз ҷой кардани умеди нек усули муҳими психологияи муосир аст, ки дар Низомномаи оид ба деонтологияи тиббӣ оварда шудааст.

Ар-Розӣ дар бораиислоҳот (дигаргунсозӣ)-и хислат низ менависад. Ба ақидаи ӯ, дар навбати аввал ин дигаргуншавии руҳонӣ, доруи дармонбахши руҳ аз бемориҳоест, ки хоҳишҳои нафс ба бор овардааст ва барои озодшавӣ аз «доми хоҳишҳо» равона шудааст. Аз содир кардани рафторҳои бад, ки хоҳишҳо ба он меоранд, инсон бояд худаш иҷтиноб варзад.

Ар-Розӣ ба сифатҳои ахлоқии инсон низ таваҷҷуҳи зиёд дорад. Масалан, ӯ дар бораи ҳасад, ҳирс ва мумсикӣ, ки ба ранҷҳо ва бемориҳои руҳӣ оварда мерасонанд, ақидаашро навиштааст. Ӯ чунин мешуморад, ки ҳасадро масалан, метавон тавассути «чашми нафси нотиқаи худ» ром кард.

Ба «сифатҳои бад» ва фасоди рафтори неки инсон ӯ пурхӯрӣ ва носериро нисбат медиҳад, ки бо истеъмоли аз ҳад зиёд ва лаззат бурдани аз ҳад зиёд аз ғизо, нушокӣ ё сарват то ҳадди исроф иртибот дорад. Дилбастагӣ ба чунин рафтор метавонад боиси бемориҳои равонӣ гардад. Одамоне, ки аз пурхӯрӣ азият мекашанд, радди маърака гардида, боиси шунидани нафрат ва лаънат аз ҷониби одамони дигар мегарданд.

Ар-Розӣ баа бемориҳои руҳонӣ дар қатори машғулиятҳои бехирадона, одатҳои бемаъно, тамоюл ба вақтхушиҳои хушку холӣ инчунин таассуб дар мазҳабро низ нисбат медиҳад. Аз машғулиятҳои хушку холӣ ва вақтхушиҳои бефоида танҳо бо ёрии иродаи мустаҳкам ва қатъият барои инкори онҳо, инчунин бо ёрии хотираи қавӣ ва омодабоши ҳушёрона метавон раҳоӣ ёфт, зеро ин машғулиятҳо дар аксари ҳолатҳо аз беэҳтиётӣ ва фаромушхотирӣ рӯй медиҳанд. Рафтори динии инсонро баррасӣ намуда, Ар-Розӣ онро «арази эҳсосӣ, на ақлонӣ» меҳисобад. Дар фалсафаи ахлоқи худ Ар-Розӣ ба он ишора менамояд, ки инсон аз дигар мавҷудот бо баҳогузории ақлонии рафтори худаш фарқ мекунад ва ин бояд ӯро ба ҳаёти шоистае расонад, ки ба ҳамкории муштарак ва ёрии байни ҳамдигарӣ мубаддал мегардад. Дар баробари ин одамон бояд аз ду ифроту тафрит – ҷидду ҷаҳди аз ҳад зиёд ва нокифоягии он ҳазар намоянд.

Ар-Розӣ аз одамон даъват ба амал меорад, ки нафси худро бо рафтори арзанда ва қобили таҳсин оро диҳанд, онро аз ғаму андуҳ озод кунанд. Ба ақидаи ӯ инсон бояд ба таври амиқ ва ҷиддӣ дар бораи ҳаёт ва рафтори инсонҳои арзанда бо истифода аз қобилияти дарки ақлонӣ ва муқоисаи хубу бад дар рафтори инсонҳо андешаронӣ кунад.

## Хулоса
## Натиҷаҳои асосии илмии рисола

Дар таҳқиқоти пешниҳодшуда муҳимтарин масъалаҳои фалсафаи тиб, ки гузориш ва ҳаллу фасли онҳо мустақиман бо номи файласуф ва табиби машҳури мусулмон Абубакри Ар-Розӣ алоқаманд аст, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Бояд тазаккур дод, ки дар таълимотҳои Ар-Розӣ чунин истилоҳе мисли фалсафаи тиб вуҷуд надорад. Вале, дар асарҳои вай ба таври муфассал ва ҳамаҷониба масъалаҳои аз як ҷониб бо ахлоқи тиббӣ, биоэтика, сиёсат дар соҳаи ҳифзи саломатӣ ва зебоишиносии тиббӣ алоқаманд бозгӯ гардидаанд. Аз ҷониби дигар, дар онҳо аз мавқеи фалсафӣ ҷанбаҳои эпистемологӣ, метафизикӣ, методологӣ, терапевтӣ, озмоишӣ, ташхисӣ ва паллиативии тиб баррасӣ мешаванд. Тавре маълум аст, ахлоқ ва зебоишиносӣ илмҳои эътирофгардидаи фалсафӣ мебошанд ва мутобиқан ахлоқ ва зебоишиносии тиббиро аз рӯи адолат ба қисмҳои фалсафаи тиб нисбат дода метавонем, ки он дар навбати худ, новобаста аз ҳамаи вижагиҳояш қисмати ҷудонашавандаи илми фалсафа мебошад.

Барои муаллиф ошкор намудани он принсипҳои асосӣ, меъёрҳое, ки баҳри алоқаманд кардани тиббу фалсафа ба Ар-Розӣ кӯмак расондаанд, муҳим буд. Дар раванди омӯзиши ин мавзуъ муайян гардид, ки Ар-Розӣ барои ҳаллу фасли масъалаҳои тиббӣ бо истифода аз методологияи сирф фалсафӣ талош варзидааст. Дар ҷое ӯ муваффақ шуда, дар ҷои дигар кор танҳо бо масъалагузорӣ анҷом ёфт. Вобаста ба ин, муаллиф ба хулосае меояд, ки фалсафаи тибби Ар-Розӣ ҳудудҳои дақиқ муайяншуда ва меъёрҳои бо далел асоснокшудае надоранд, ки дар бораи ин фалсафа ҳамчун соҳаи ба таври пурра шаклгирифтаи дониш ҳарф занем.

Ба ақидаи диссертант, дар фалсафаи тиб имконоти азим барои гузориш ва таҳлили масъалаҳои гуногун поягузорӣ шудаанд. Барои ҳаллу фасли онҳо дар навбати аввал бояд равиши байнисоҳавиро истифода намуд. Масалан, ташхиси тиббиро аз мавқеи мантиқ баррасӣ карда, масъалаҳои саломатии инсон ва дардҳои ӯро бошад аз нуқтаи назари тахминҳои метафизикӣ ва мақоми эпистемологӣ таҳқиқ кардан мумкин аст. Дар ақидаҳои Ар-Розӣ таъсири амиқи мутафаккирони Юнони Қадимро метавон мушоҳида кард, аз ҷумла, таълимоти арастуӣ дар бораи чор сабаби ҳастӣ (моддӣ, суварӣ, фоилу мунфаил ва ғоӣ) ва назарияи мизоҷи Ҷолинус. Ар-Розӣ дар аақидаҳояш қиёси мантиқиро пайгирӣ менамояд: ӯ чунин мешуморад, ки ҳақиқат дар тиб танҳо бар асоси таҷриба ба даст оварда мешавад. Ба ақидаи ӯ, ҳар чизе, ки аз китобҳо бар асари хониш ҳосил мешавад, камарзиштар аз таҷрибаи табибест, ки дар бораи ҳақиқат андешаронӣ ва тафаккур мекунад. Ар-Розӣ таъкид мекунад, ки дар раванди табобат нақши асосиро бо ба инобат гирифтани табиат, ҳолати физиологӣ ва равонии он худи мариз мебозад. Дар маҷмуъ, вазъи саломатии инсон, ба ақидаи Ар-Розӣ, аз ҷидду ҷаҳди ӯ, аз корҳои нек ё устувории худи ӯ вобастагӣ дорад. Файласуфи мусулмон ақидаеро ҷонибдорӣ менамуд, ки мувофиқи он табиби ҷисм бояд ҳамзамон табиби руҳ низ бошад. Ин ҷо роҳи дигаре барои ба даст овардани ҳақиқат вуҷуд надорад.

Дар коркарди фалсафаи тибби худ Ар-Розӣ ба ақидаи юнониёни қадим ва мутафаккирони пешини исломӣ, ки аз нуқтаи назари ӯ сарчашмаи «илҳом ва донишҳои амалӣ барои табибони боинсоф» ҳастанд, такя менамуд. Вале, дар баробари ин Ар-Розӣ чунин меҳисобид, ки ҳамаи ақидаҳои онҳоро бечуну чаро набояд қабул намуд. Дар ин маврид афкори ӯ ба таври зарурӣ шаккокият дошт, зеро хуб мефаҳмид, ки дар таълимоти файласуфон ва олимон зиддиятҳо вуҷуд доранд. Вале ин зиддиятҳо, таъкид менамуд ӯ, барои пешрафти абадии шинохт мусоидат мекунанд ва ҳатто онро муайян месозанд. Ба шарофати онҳо ҳадафи роҳи ҳаётии инсон – наздик шудан ба ҳақиқат ва ба даст овардани он – бештар намудор ва ҷалбкунанда мешавад.

Ғайр аз ин, фалсафаи тибби Ар-Розӣ ба масъалаҳое руҷуъ мекунад, ки бо саломатии инсон, бемориҳо, дардҳои ӯ, марг ва кӯшиши шифоёбӣ зич иртибот дорад. Дар таълимоти фалсафии ӯ масъалаи ҳастии инсон, камол ва беҳбудии вай, бешубҳа, мақоми асосиро ишғол мекунанд. Ҳамаи онҳо ҳамзамон аз ҷониби Ар-Розӣ бо масъалагузории таҷрибаи тиббӣ «пайванд» дода мешаванд. Тиб, ба ақидаи Ар-Розӣ, ҳамчун ҳунар ва амалияи табобатӣ на танҳо барои ҳифзи саломатӣ ва табобати бемориҳо пешбинӣ шудааст. Амалҳои табиб аз ҷониби ӯ ҳамчун «рафтори фалсафӣ» бо назардошти ҷанбаи онтологӣ-антропологии он тавсиф карда мешавад. Ба ақидаи муаллиф, дар маҷмуъ, майдони онтологии фалсафаи тибб имрӯз танҳо дар ҳоли шаклёбист ва метавонад масъалаҳои эпистемология, аксиология, мантиқ, методология ва метафизикаро, ки мустақиман ё ғайримустақим бо тиб алоқамананд, дар бар гирад, вале ин мавзӯи алоҳидаи таҳқиқот аст.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

Натиҷаҳои рисолаи таҳқиқотӣ дар дараҷаи муайян баёнгари номуайянии хоси тамоюлоти ҷаҳонбинии нисбатан бунёдии сатҳи фалсафӣ барои ҳаёти маънавии Тоҷикистони муосир мебошанд. Ин номуайянӣ ба таври нисбатан равшан имрӯзҳо дар соҳаи фаъолияти тиббӣ зоҳир мешавад. Ба гумон аст, ки онро аксари табибони фаъолиятдошта ба таври мустақилона пушти сар карда тавонанд. Дар рисола барои мушаххас намудани ин тамоюлҳо маҳз дар соҳаи тиб кӯшиш ба харҷ дода шудааст. Мавод ва хулосаҳои умумии таҳқиқотро барои истифода дар таҳқиқотиояндаи бахшида ба фалсафаи илм, фалсафаи тибб, таърихи фалсафа, инчунин ҳангоми омода кардани курсҳои лексионӣ, курсҳои махсус ва семинарҳо оид ба таърихи фалсафаи тоҷик, антропологияи фалсафӣ ва фалсафаи тибб истифода бурдан мумкин аст.

### Мақолаҳои муаллиф, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1-М]** Место медицинского знания в философском учении ал-Рази// Вестник Таджикского национального университета. – 2019. - № 9. – С.167-174.

**[2-М]** Медицинские знания и опыт ал-Рази: теоретико-практическая основа // Вестник Таджикского национального университета. – 2019. - № 10. – С.173-179.

**[3-М]** Страдания и удовольствия в антропологическом учении ал-Рази

(с позиций философии медицины) // Вестник Таджикского национального университета. – 2020. - № 1. – С.167-174.

## АННОТАЦИЯ
**диссертации Шарофзода Маъруфа Обида на тему «Философия медицины Абу Бакра Закарийа ар-Рази»**

**Ключевые слова:** Абу Бакр Закарийа ар-Рази, философия медицины, медицинская этика, скептицизм, древнегреческая философия, клиническая практика, духовная медицина, натурализм, темперамент, сенсуальное и телесное, умственное и физическое.

Диссертация посвящена изучению важной и актуальной темы в таджикской философии, а именно философии медицины Абу Бакра ар-Рази, определениюфакторов формирования междисциплинарного подхода к изучению проблем здоровья человека, которое во многом зависит не только от закономерностей функционирования его чисма, но и от становления его как личности.

Исследование медицинских и философских воззренийар-Рази в их взаимосвязи представляет большой интерес для современного врача и философа. В нем изложены сведения о жизни целой эпохи и подытоживаются искания ар-Рази в философии и медицине. Наследиеар-Рази – это яркая демонстрация достижений таджикского народа в области медицины и философии. Труды этого мусульманского философа и врача являются неоценимым вкладом в развитие мировой науки, опровергающим мнения тех ученых, которые стоят на позициях европоцентризма.

В диссертации анализируется ряд таких важных вопросов, как: философское учение ар-Рази и место в нем медицинского знания (критическая оценка эмпирико-фактологических данных и идей, теорий предыдущих ученых и врачей; критика теорий, не основанных на клиническом опыте; обоснование необходимости использования науки, новых достижений в медицине, критика медицинских взглядов древнегреческих мыслителей, доказательство необходимости проведения экспериментов на животных и человеке для оценки лекарств и медицинских методов); теоретико-практическая основа системы медицинских знаний ар-Рази (синкретизм учения ар-Рази, личное наблюдение и опыт, т.е. эмпиризм, инициирование новых методов ситуационного контроля над экспериментами в клинической медицине); скептицизм ар-Рази по отношению к медицинским взглядам Галена (несогласие со многими идеями и концепциями Галена; критика гуморальной теории Галена и др.); бытие человека: философская рефлексия жизни в медицине ар-Рази (изучение таких важных вопросов бытийности человека, как удовольствие и страдание, связанных с его учением о душе и теле, классификация темпераментов по своим свойствам, согласно гуморальной теории); сущностная взаимосвязь сенсуального и телесного в теоретико-практической системе медицины ар-Рази (понимание сущности разума, души и тела, а также соотношение умственного и физического взаимодействия в чисме человека); принципы медицинской этики ар-Рази в фокусе проблемы здоровья и болезней в системе индивидуальных ценностей (телесное лечение и практика и духовное лечение и практика, об обязанностях и ответственности врача перед пациентами, перед самим собой и обязанностях и ответственность пациентов перед врачами в нравственном ракурсе).

# ШАРҲИ МУХТАСАРИ
## диссертатсияи Шарофзода Маъруф Обид дар мавзӯи «Фалсафаи тибби Абубакр Закариёи Ар-Розӣ»

**Вожаҳои калидӣ:** Абубакр Закариёи Ар-Розӣ, фалсафаи тибб, ахлоқи тиббӣ, шаккокият, фалсафаи Юнони Қадим, амалияи клиникӣ, тибби руҳонӣ, натурализм, мизоҷ, хосиятҳои ҳиссӣ ва ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва физикӣ.

Диссертатсия ба омӯзиши мавзӯи муҳим ва актуалӣ дар фалсафаи тоҷик, дар мисоли фалсафаи тибби Абубакри Ар-Розӣ, муайян кардани омилҳои ташаккулёбии равиши байнисоҳавӣ дар омӯзиши масъалаи саломатии инсон, ки аз бисёр ҷиҳат нафақат аз қонуниятҳои фаъолияти ҷисми вай, инчунин аз ташаккулёбии ӯ ҳамчун шахсият низ вобаста мебошад, бахшида шудааст.

Таҳқиқи андешаҳои тиббӣ ва фалсафии Ар-Розӣ ва робитаи онҳо барои табиб ва файласуфи муосир ҷолибияти зиёд дорад. Дар он маълумот оид ба ҳаёти як давраи том баён гардида, ҷусторҳои Ар-Розӣ дар фалсафа ва тиб хулоса карда шудаанд. Мероси Ар-Розӣ баёнгари возеҳи дастовардҳои халқи тоҷик дар соҳаҳои тиб ва фалсафа мебошад. Осори ин файласуф ва табиби мусулмон саҳми бебаҳоест дар рушди илми ҷаҳонӣ, ки ақидаҳои олимони дар мавқеи аврупоимарказӣ қарор доштаро инкор менамоянд.

Дар диссертатсия як қатор масалаҳои муҳим мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ба монанди: таълимоти фалсафии Ар-Розӣ ва ҷойгоҳи донишҳои тиббӣ дар он (баҳодиҳии интиқодии маълумот ва ақидаҳои таҷрибавӣ-воқеӣ, назарияҳои олимон ва табибони пешин; накди назарияҳое, ки асоси таҷрибаи клиникӣ надоранд; асоснок намудани зарурати истифодаи илм, дастовардҳои нав дар соҳаи тиб, интиқоди ақидаҳои тиббии мутафаккирони Юнони Қадим, исботи зарурати гузаронидани таҷрибаҳо дар ҳайвонот ва инсон барои ташхиси доруҳо ва усулҳои таҳқиқи тиббӣ); асоси назариявӣ-амалии низоми донишҳои тиббии Ар-Розӣ (синкретизми таълимоти Ар-Розӣ, мушоҳида ва таҷрибаи шахсӣ, яъне эмпиризм, боис шудан ба методҳои нави назорати вазъӣ аз болои таҷрибаҳо дар тибби клиникӣ); шаккокияти Ар-Розӣ нисбат ба ақидаҳои тиббии Ҷолинус (норозигӣ бо бештари ақидаҳо ва таълимотҳои Ҷолинус ва ғайра); ҳастии инсон: рефлексияи фалсафии ҳаёт дар тибби Ар-Розӣ (омӯзиши чунин масъалаҳои муҳими ҳаёти инсон, чун лаззат ва ранҷу азоб, ки бо таълимоти ӯ дар бораи нафс ва ҷисм робита доранд, таснифи мизоҷҳо аз рӯи хусусиятҳояшон мувофиқи назарияи мизоҷҳо); робитаи моҳиятии ҳиссӣ ва ҷисмонӣ дар низоми назариявӣ-амалии тибби Ар-Розӣ (фаҳмиши моҳияти ақл, нафс ва ҷисм, инчунин таносуби ба ҳам таъсиррасонии ақлонӣ ва ҷисмонӣ дар ҷисми инсон); усулҳои ахлоқи тиббии Ар-Розӣ аз дидгоҳи масъалаҳои саломатӣ ва бемориҳо дар низоми арзишҳои фардӣ (табобати ҷисмонӣ ва амалия ва табобати руҳонӣ ва амалӣ, дар бораи ӯҳдадорӣ ва масъулиятҳои табиб дар назди беморон, дар назди худ ва ӯҳдадорӣ ва масъулиятҳои беморон дар назди табибон аз нигоҳи ахлоқӣ).

**ABSTRACT**
**of the thesis of Sharofzod Ma'ruf Obid on "The Philosophy of Medicine by Abu Bakr Zakariya ar-Razi"**

**Keywords:** Abu Bakr Zakariya al-Razi, philosophy of medicine, medical ethics, skepticism, ancient Greek philosophy, clinical practice, spiritual medicine, naturalism, temperament, sensual and bodily, mental and physical.

The thesis is devoted to the study of an important and relevant topic in Tajik philosophy, namely the philosophy of medicine of Abu Bakr ar-Razi, the definition of factors for the formation of an interdisciplinary approach to the study of human health problems, which largely depends not only on the laws of the functioning of his mind, but also on his formation as a person.

The study of medical and philosophical views in their interrelationship is of great interest to the modern doctor and philosopher. It contains information about the life of an entire epoch and summarizes ar-Razi's search in philosophy and medicine. The heritage of ar-Razi is a vivid demonstration of the achievements of the Tajik people in the field of medicine and philosophy. The works of this Muslim philosopher and doctor are an invaluable contribution to the development of world science, refuting the opinions of those scientists who stand on the positions of Eurocentrism.

The thesis analyzes a number of such important issues as: the philosophical doctrine of the ar-Razi and the place of medical knowledge in it (critical assessment of empirical and factual data and ideas, theories of previous scientists and doctors; criticism of theories not based on clinical experience; justification of the need to use science, new achievements in medicine, criticism of the medical views of ancient Greek thinkers, proof of the need to conduct experiments on animals and humans to evaluate drugs and medical methods); theoretical and practical basis of the ar-Razi system of medical knowledge (syncretism of ar-Razi's teaching, personal observation and experience, i.e. empiricism, initiation of new methods of situational control over experiments in clinical medicine); ar-Razi's skepticism towards Galen's medical views (disagreement with many of Galen's ideas and concepts; criticism of humoral theory Galena et al.); human being: philosophical reflection of life in art-Razi medicine (the study of such important issues of human being as pleasure and suffering related to his teaching about the soul and body, the classification of temperaments according to their properties, according to humoral theory); the essential relationship of the sensuous and bodily in the theoretical and practical system of ar-Razi medicine (understanding the essence of the mind, soul and body, as well as the ratio of mental and physical interaction in the human mind); the principles of medical ethics of ar-Razi focus on the problems of health and diseases in the system of individual values (physical treatment and practice and spiritual treatment and practice, about the duties and responsibility of a doctor to patients, to himself and the duties and responsibility of patients to doctors in a moral perspective).